Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# САДОИ МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 78-79 (4818-4819) | ҶУМЪА, 21 ИЮНИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

Ҳамовозӣ ба мулоқоти Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо аҳли илм ва маорифи кишвар



## БЕТАРАФ НАБОШЕМ

**Зимни мулоқоти Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо аҳли илм ва маорифи кишвар на танҳо масоили илму маориф, балки мушкилоти дигари рӯз, аз ҷумла хурофоту таассуб, ҳадафҳои муғризонаи созмону гурӯҳҳои ифротӣ, бегонапарастӣ ва оқибатҳои ногувори он, баррасӣ шуданд. Пешвои миллат дар баробари таҳлили мӯшикофонаи масоили зикршуда, чун муршиди раҳомӯз роҳҳои ҳалли мушкилотро, ки сангаре дар масири рушди илму маориф ва ҷомеаи кунунии мо мебошанд, пешниҳод намуданд.**

Пешвои миллат таъсири таассубу ифротгароиро ба ҷомеа сахттар аз яроқи ҳастаӣ арзёбӣ намуда, ба зиёиён хитоб намуданд: «Назоратчӣ нашавед, барои огоҳ кардан, боло бурдани сатҳи маърифати ҷомеа бетараф набошед. Касе ба ҷои мову шумо Ватан обод намекунад. Ба хотир оред солҳои ҷанги таҳмилии шаҳрвандиро. Кӣ канорамон буд, кӣ мушкилотамонро бартараф карду барои мо Ватан сохт? Ҳеҷ кас!».

Дарвоқеъ, Тоҷикистон он рӯзҳои наҳс танҳо буд бо роҳбари тозаинтихобаш. Дигарон, хоса неруҳои беруна, ки яке аз омилҳои сар задани низоъҳои дохилӣ буданд, тамошогар. Имрӯз ҳам, чунин неруҳои фурсатталаб кам нестанд. Онҳо бо истифода аз боварӣ ва эҳсосоти динии ҷавононе, ки ҳанӯз зиракии сиёсиашон шакл нагирифтааст, ҷомеаро ноором ва ҳадафҳои нопоки хешро пиёда кардан мехоҳанд. Дар чунин вазъияти ҳассос Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зарур шумориданд, ки зиёиён, махсусан олимони кишвар, бетараф набошанд, ҷавононро ба илмомӯзӣ ҷалб намоянд, бо тарзи тафаккури илмӣ муқобили таассубу андешаҳои ифротӣ мубориза баранд.

Қабл аз баррасии ҳолати имрӯзаи илм ва маорифи кишвар Президенти ҷумҳурӣ аз вазъи ногувори солҳои ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ва солҳои аввали баъдиҷангӣ, ки ба соҳаҳои гуногун, аз ҷумла илми ватанӣ, таъсири манфӣ расонд, ёдовар шуданд. Гуфтанд, ки қариб даҳ соли аввали соҳибистиқлолӣ бо мухолифату кашмакашҳои дохилӣ гузашт. Танҳо аз соли 2000-ум мо имкон пайдо кардем, ки пастравии иқтисоди миллиро боздошта, ба оғози марҳалаи рушд ворид гардем.

Маълум мегардад, ки ин муддат барои тақвияти заминаҳои моддию техникии илми ватанӣ маблағгузорӣ марҳала ба марҳила зиёд гашта, ба ин мақсад 1 миллиарду 607 миллион сомонӣ ҷудо гардидааст. Аз ҷониби Ҳукумати мамлакат солҳои охир барои рушди илми ватанӣ ва дастгирии олимон корҳои зиёд сомон пазируфтаанд. Аз ҷумла, дар назди АМИТ чандин муассисаҳои нави илмӣ-таҳқиқотӣ, барои олимони ҷавон ҷоизаҳои махсус таъсис ёфта, лоиҳаҳои илмӣ мунтазам дастгирӣ меёбанд. Тавре дар вохӯрӣ зикр шуд, ҳоло дар мамлакат боз 724 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии 152 миллиард сомонӣ амалӣ мегардад, ки даҳҳо лоиҳаи он ба соҳаи илм равона гардидааст. Албатта, ин ҳама дар рушди илми ватанӣ бетаъсир намонд. Олимони кишвар аз ҷумла, дар соҳаҳои тиб, кишоварзӣ, дорусозӣ, физикаю математика ва нуҷум ба чандин бозёфти нави илмӣ дастёб шуданд, аммо, тавре Роҳбари давлат дар мулоқот изҳор доштанд, ҳанӯз дар ин самт мушкилоте мавҷуд аст, ки садди рушди илм мебошанд. Посухгӯи ниёзҳои рушди иқтисодию иҷтимоӣ набудани баъзе натиҷаҳои илмӣ, тарбияи кадрҳои ҷавон, ки дар рушди илми кишвар қодир бошанд, дар истеҳсолот ҷорӣ нашудани натиҷаҳои илмӣ, ба плагиат (асардуздӣ) даст задани баъзе довталабони дараҷаҳои илмӣ ва фаъолияти сохтакоронаи шуроҳои диссертатсионӣ аз ҷумлаи онҳост.

Ҳарчанд дар замони соҳибистиқлолӣ кадрҳои дорои дараҷа ва унвони илмӣ зиёд гардидааст, аммо нишондиҳанда ҳанӯз қонеъкунанда нест. Аз таҳлилҳои Пешвои миллат маълум шуд, ки ба масъала дар бисёр пажӯҳишгоҳҳо хунукназарона муносибат доранд. Махсусан, дар Пажӯҳишгоҳи математикаи Академияи миллии илмҳо, Пажӯҳишгоҳи масоили амнияти биологӣ ва биотехнология ва дар Пажӯҳишгоҳи чорводорӣ ва чарогоҳи Академияи илмҳои кишоварзӣ.

Аз он ки дар Пажӯҳишгоҳи математикаи Академияи миллии илмҳо аз 18 нафар дар давоми 5 сол 2 докторант рисолаи илмии худро ҳимоя карда, дар Пажӯҳишгоҳи чорводорӣ ва чарогоҳи Академияи илмҳои кишоварзӣ аз 16 докторант, ки аз ҳисоби буҷет қабул шудаанд, муддати 6 сол як нафар ҳам рисолаи илмии худро ҳимоя накардааст, воқеан, боиси нигаронии ҷиддист.

- Дар Пажӯҳишгоҳи хокшиносӣ дар даҳ соли охир 13 нафар докторант аз рӯйи ихтисос қабул шудааст, вале то ҳол ягон нафар рисолаи илмии худро ҳимоя накардааст, - зикр намуданд Пешвои миллат. Ин дар ҳолест, ки Тоҷикистон ҷумҳурии аграрӣ буда, ҳоло дар кишвари мо чунин мутахассисон мисли обу ҳаво заруранд.

Ба масъалаи ҳамгироии илм бо истеҳсолот таваҷҷуҳ зоҳир намудани Роҳбари мамлакат бесабаб нест. Ҳанӯз бисёр ихтироъҳои олимони кишвар тадбиқи худро наёфта, рӯи коғаз боқӣ мондаанд. Аз таҳлилҳое, ки мо қаблан дар ин мавзуъ доштем, маълум мегардад, ки олимони мо дар самтҳои гуногуни илм бозёфти муҳим доранд. Масалан, Ғуломқодир Бобизода, профессори кафедраи кимиёи органикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, бо шогирдонаш дар натиҷаи таҳқиқ ва омӯзиш омехтасозии (композитсия) растаниҳои шифобахшро бо доруҳои мавҷуда пешниҳод карданд, ки дар фармакологияи кишвар дастоварди нав аст. Силсилаи таҳқиқоте, ки 6 сол боз дар ин самт анҷом пазируфт, нишон медиҳад, ки ба вуҷуд овардани чунин доруҳо дар асоси растаниҳои шифобахш таъсирнокии доруро пурзӯр менамояд. Мисоли дигар: олимони АМИТ якҷо бо кормандони Пажӯҳишгоҳи гастроэнтерология як қатор иловаҳои фаъоли биологӣ, ба монанди «Камолид», «Камолин», «Седармон», «Мукофер», малҳамҳои «Херболит», «Ҳербитол»-ро таҳия намуданд, ки ба роҳ мондани истеҳсоли он дар саноати дорусозии ватанӣ метавонад ҷои баъзе иловаҳои фаъоли биологиро, ки аз хориҷи кишвар ворид мешаванд, иваз намояд. Ин гуна мисолҳо кам нестанд, таассуфовар он аст, ки бо сабабҳои гуногун ҳанӯз дар амал тадбиқ нагардидаанд. Сарвари давлат ин мушкилро ба сатҳи пасти ҳамкории муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ бо соҳибкорон, шарикии давлат бо бахши хусусӣ дар корҳои илмиву таҳқиқотӣ ва таҷрибавӣ вобаста дониста, хотирнишон намуданд: «Таъсиси сохтори алоҳида – Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти мамлакат бояд ба раванди пайванди илм бо истеҳсолот ва рушди фаъолияти инноватсионӣ такони ҷиддӣ бахшад. Фаъолияти ин сохтор бояд ба рушд, танзим ва дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионӣ ва таҳияи механизми татбиқи он равона карда шавад».

Ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо дар пажӯҳишгоҳҳои илмӣ, таъмини марказҳои илмӣ бо технологияи муосир, ба талаботи рӯз мувофиқ намудани китобҳои мактабию донишгоҳӣ, пос доштани таъриху фарҳанги ниёгон аз ҷумлаи мавзуъҳои дигаре буданд, ки дар вохӯрӣ баррасӣ шуданд.

Тоҷикистони соҳибистиқлол, агарчи аз солҳои 2000-ум ба оғози марҳалаи рушд ворид шуда бошад ҳам, ин муддат ҳам дар сатҳи давлатӣ ва ҳам байналмилалӣ ба дастовардҳои зиёд ноил шудааст. Маълум мешавад дар баробари дастовард ҳанӯз мушкилот кам нест, хоса дар самти илму маориф. Ҳар тасмиму эроде, ки Пешвои миллат вобаста ба соҳаҳои мазкур гирифтанд, ба хотири бартараф намудани онҳо, рушди ҷаҳонбинии илмӣ, ҷалби бештари ҷомеа ба илмомӯзӣ ва аз роҳи илм рушд бахшидани кишвар мебошад. Воқеан, дар муқобили мушкилоти дохилӣ ва ҳам таҳдидҳои берунӣ тавассути ваҳдати миллӣ, якдилӣ ва истиқлоли комил метавон истодагарӣ намуд. Ҳама талошҳои Роҳбари давлат танҳо ба хотири ҳифзи истиқлол, ояндаи дурахшони Ватан ва зиндагии беҳин аст. Мо низ, чун Пешвои миллат, набояд нисбат ба тақдири миллату давлат ва ояндаи кишвар бетараф бошем.

**Фарзона ФАЙЗАЛӢ,**
**«Садои мардум»**

Иҷлосияи ҳаждаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум

## ҚОНУНҲО ҶОНИБДОРӢ ВА НОМИ ЧАНД МАҲАЛИ АҲОЛИНИШИН ИВАЗ ШУДАНД



**Нуздаҳуми июни соли 2024 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ Иҷлосияи ҳаждаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум баргузор гардид.**

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Барои бақайдгирӣ тариқи системаи овоздиҳии электронӣ аз қайд гузаред. Марҳамат.

Дар иҷлосия 30 нафар аъзои Маҷлиси миллӣ иштирок доранд. Инчунин, муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раисони Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ, раиси Палатаи ҳисоб, директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намояндагони воситаҳои ахбори омма дар толор ҳозир мебошанд.

Оид ба оғози кори иҷлосия чӣ гуна таклиф ҳаст?

Таклиф шуд, ки иҷлосия корашро оғоз намояд.

Таклифро ба овоз мемонам ва аз аъзои Маҷлиси миллӣ хоҳиш менамоям, ки мавқеатонро тариқи овоздиҳии электронӣ муайян созед. Марҳамат.

Ташаккур, *таклиф қабул шуд.*

Иҷлосияи ҳаждаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро кушода эълон менамоям.

*(Суруди Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон садо медиҳад.)*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Моро лозим аст, ки тартиби кори Иҷлосияи ҳаждаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро муайян ва тасдиқ намоем.

Бо дарназардошти масъалаҳои дар рӯзнома пешбинишуда пешниҳод менамоям, ки барои маърӯзачиён то 5 дақиқа, музокираҳо то 3 дақиқа ва барои дархосту таклифҳо то 2 дақиқа вақт муайян карда шавад.

Пешниҳоди дигар ҳаст? Нест.

Пешниҳодро ба овоз мемонам. Марҳамат.

Ташаккур, *пешниҳод қабул гардид.*

**Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Мутобиқи банди 102-юми Дастури Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лозим аст, ки котиботи иҷлосияро интихоб намоем. Оид ба ин масъала сухан ба узви Маҷлиси миллӣ Мирзозода Мусо дода мешавад. Марҳамат.

*(Мирзозода Мусо пешниҳод менамояд, ки ҳайати котибот иборат аз се нафар интихоб карда шавад.)*

**РАИС: Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Таклиф шуд, ки котиботи Иҷлосияи ҳаждаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум иборат аз се нафар интихоб карда шавад.

Таклифҳои дигар ҳаст? Нест.

Шумораи ҳайати котиботро ба овоз мемонам ва аз аъзои Маҷлиси миллӣ хоҳиш менамоям, ки мавқеатонро муайян созед. Марҳамат.

Ташаккур, *таклиф қабул гардид.*

Марҳамат, Мусо Мирзозода ҳайати котиботро пешниҳод намоед.

**Мусо МИРЗОЗОДА**: - Ба ҳайати котиботи Иҷлосияи ҳаждаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум аъзои зерини Маҷлиси миллӣ пешниҳод карда шуданд:




Шоиддинов Фазлиддин – раиси котибот

Набизода Мадина ва Қонунзода Шодигул - аъзои котибот.

**РАИС: -** Оид ба ҳайати котибот таклифҳои дигар ҳаст? Нест.

Лоиҳаи қарорро ба овоз мемонам ва аз аъзои Маҷлиси миллӣ хоҳиш менамоям, ки мавқеатонро муайян намоед. Марҳамат.

Ташаккур, *қарор қабул гардид.*

Аз ҳайати котибот хоҳиш карда мешавад, ки ба ҷойҳои худ гузашта, ба кор шурӯъ намоянд.

**Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Лоиҳаи рӯзномаи Иҷлосияи ҳаждаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум дар ҷаласаи Шурои Маҷлиси миллӣ муайян ва барои баррасӣ ба шумо пешниҳод шудааст.

Оид ба масъалаҳои он таклифҳои дигар ҳаст? Нест.

Лоиҳаи қарорро ба овоз мемонам ва хоҳиш менамоям, ки мавқеатонро муайян намоед.

Қарор дар бораи рӯзномаи Иҷлосияи ҳаждаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум қабул шуда, ба он масъалаҳои зерин ворид гардиданд:

**1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ»**

**8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳофизат ва истифодаи олами наботот»**

**10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чарогоҳ»**

**11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи карантин ва муҳофизати растаниҳо»**

**12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**13. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак»**

**14. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон»**

**15. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»**

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум

## БА ДУ ҚАРОРИ ТАСДИҚИ РАМЗҲОИ ДАВЛАТӢ ТАҒЙИРОТУ ИЛОВА ВОРИД ГАРДИД

**Нуздаҳуми июни соли 2024 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум баргузор гардид.**

**РАИС: - Вакилони арҷманд!**

Хоҳиш мекунам, аз қайд гузаред.

Ҳоло дар толор 53 вакил ҳузур доранд.

Имкон шуд, ки ба кори ҷаласа шурӯъ намоем.

Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.



Мутобиқи моддаи 34-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро кушода эълон менамоям.

**Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Дар ҷаласаи имрӯза вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода, вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Музаффар Ашуриён, раиси Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Камолиддин Муминзод, мушовири калони бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ Ҷамшед Шарифзод ва дигар шахсони даъватшуда иштирок доранд.

**РАИС: - Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Ба рӯзномаи ҷаласа панҷ масъала пешниҳод шудааст, ки нусхаи он дар дасти шумо ҳаст.

Доир ба рӯзнома таклифу пешниҳоди дигар ҳаст? Нест.

Хоҳишмандам нисбат ба рӯзнома мавқеатонро муайян намоед.

*Дар бораи рӯзномаи ҷаласа бо фарогирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид:*

**1. Дар хусуси Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар оид ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата ва пешгирӣ намудани саркашӣ аз супоридани андозҳо аз даромад ва сармоя**

**(Давомаш дар саҳ. 5)**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи иваз намудани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд**

Пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи моддаҳои 9 ва 19 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти маъмурию ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Номи маҳалҳои аҳолинишини зерини шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд иваз карда шаванд:

1) дар шаҳри Истаравшан:
- деҳаи Бафоии деҳоти Гули Сурх ба деҳаи Вафоӣ;
- деҳаи Саричияки деҳоти Қалъачаи Калон ба деҳаи Саричак;

2) дар шаҳри Панҷакент:
- деҳаи Киштудаки Поёни деҳоти Ёрӣ ба деҳаи Киштудаки Пойин;
- деҳаи Сойи Вешисти деҳоти Ёрӣ ба деҳаи Нови Вешист;
- деҳаи Уртақишлоқи деҳоти Саразм ба деҳаи Миёндеҳ;
- деҳаи Ғезани поёни деҳоти Моғиён ба деҳаи Ғезани Пойин;
- деҳаи Майдони Моғиёни деҳоти Моғиён ба деҳаи Моғиёнмайдон;
- деҳаи Рашнаи поёни деҳоти Шинг ба деҳаи Рашнаи Пойин;
- деҳаи Ҳушёрии деҳоти Шинг ба деҳаи Ҳушор;

3) дар ноҳияи Ашт:
- деҳаи Ашти Поёни деҳоти Ашт ба деҳаи Ашти Пойин;
- деҳаи Каттасарқамиши деҳоти Ифтихор ба деҳаи Найистон.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 19 июни соли 2024, № 523**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи ба категорияи деҳа мансуб донистани маҳали аҳолинишини Дашти Хорзори деҳоти ба номи Садриддин Айнии ноҳияи Варзоб ва иваз намудани номи он, инчунин, иваз намудани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Варзоб**

Пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи моддаҳои 9, 17 ва 19 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти маъмурию ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

1. Маҳали аҳолинишини Дашти Хорзори деҳоти ба номи Садриддин Айнии ноҳияи Варзоб ба категорияи деҳа мансуб дониста шуда, номи он ба Некобод иваз карда шавад.
2. Номи маҳалҳои аҳолинишини зерини ноҳияи Варзоб иваз карда шаванд:
- деҳаи Тошбулоқи деҳоти ба номи Садриддин Айнӣ ба деҳаи Наврӯзчашма;
- деҳаи Пурзабади деҳоти ба номи Садриддин Айнӣ ба деҳаи Пурзавот;
- деҳаи Бегари деҳоти Варзобқалъа ба деҳаи Беғар;
- деҳаи Косатароши поёни деҳоти Лучоб ба деҳаи Косатароши Пойин.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 19 июни соли 2024, № 524**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи ба категорияи деҳа мансуб донистани маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Файзобод ва номгузорӣ намудани онҳо, инчунин, иваз намудани номи баъзе воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ва маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Файзобод**

Пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи моддаҳои 9, 17 ва 19 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти маъмурию ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

1. Маҳалҳои аҳолинишини зерини ноҳияи Файзобод ба категорияи деҳа мансуб дониста шуда, номгузорӣ карда шаванд:
- маҳали аҳолинишини Оби Файзободи деҳоти Меҳробод ба деҳаи Оби Шифо;
- маҳали аҳолинишини Дараи аловаки деҳоти Ҷавонон ба деҳаи Дӯстӣ;
- маҳали аҳолинишини ҳудуди деҳаи Кӯлобиёни деҳоти Чашмасор ба деҳаи Истиқлол;
- маҳали аҳолинишини ҳудуди деҳаи Тахтиалифи деҳоти Чашмасор ба деҳаи Меҳргон;

2. Номи воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ва маҳалҳои аҳолинишини зерини ноҳияи Файзобод иваз карда шаванд:
- деҳоти Вашгирд ба деҳоти Баҳор;
- шаҳраки Файзобод ба шаҳраки Вашгирд;
- деҳаи Қанғелии деҳоти ба номи Дӯстмурод Алиев ба деҳаи Зарнисор;
- деҳаи Ҷавонони деҳоти Ҷавонон ба деҳаи Хуҷамард.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 19 июни соли 2024, № 525**

# ҚОНУНҲО ҶОНИБДОРӢ ВА НОМИ ЧАНД МАҲАЛИ АҲОЛИНИШИН ИВАЗ ШУДАНД



(Идома аз саҳ. 1)

**16. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»**

**17. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила»**

**18. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нишондиҳанда барои ҳисобҳо»**

**19. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**20. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет»**

**21. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи стандартонӣ»**

**22. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаҳо оид ба тақсими маҳсулот»**

**23. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон»**

**24. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд»**

**25. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ»**

**26. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонки исломӣ»**

**27. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ»**

**28. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор»**

**29. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таърихи қарз (кредит)»**

**30. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ»**

**31. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ангишт»**

**32. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**33. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ»**

**34. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон»**

**35. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истифода ва ҳимояи аломату номҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**36. Пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иваз намудани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд»**

**37. Пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ба категорияи деҳа мансуб донистани маҳали аҳолинишини Дашти Хорзори деҳоти ба номи Садриддин Айнии ноҳияи Варзоб ва иваз намудани номи он, инчунин, иваз намудани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Варзоб»**

**38. Пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ба категорияи деҳа мансуб донистани маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Файзобод ва номгузорӣ намудани онҳо, инчунин, иваз намудани номи баъзе воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ва маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Файзобод».**

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи масъалаи якуми рӯзнома - Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ менамоем.

Сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Раҳмон Дилшод дода мешавад. Марҳамат.

**Дилшод РАҲМОН:**



**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро, ки аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро 8-уми майи соли 2024 Маҷлиси намояндагон қабул кардааст, баррасӣ намуд.

Мақсади қонуни мазкур муайян ва пурзӯр намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои монеъ шудан ҷиҳати гирифтани таҳсилоти миёнаи умумӣ, иҷро накардани уҳдадорӣ оид ба таълиму тарбияи ноболиғ ва вайрон кардани талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» буда, дар робита ба ин моддаи 164-уми кодекси амалкунанда дар таҳрири нав ифода ёфта, тибқи он минбаъд ба ҳар тарзе монеъ шудан ба гирифтани таҳсилоти миёнаи умумӣ, бо ҷарима ба андозаи аз як ҳазор то як ҳазору дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё корҳои ҳатмӣ ба муҳлати аз яксаду ҳаштод то дусаду чил соат ё бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то ду сол ҷазо муқаррар шудааст.

Ҳамзамон, ба қисми 2 моддаи 166-уми кодекс (Ҷалби шахси ноболиғ ба содир намудани кирдорҳои зиддиҷамъиятӣ) пас аз калимаи «қонунан» калимаҳои «ё воқеан» илова карда шуда, инчунин, бо мақсади пурзӯр кардани ҷавобгарӣ санксияи моддаи 174 (Иҷро накардани уҳдадорӣ оид ба таълиму тарбияи ноболиғ) дар таҳрири нав ифода ёфта, тибқи он, ҷарима ба андозаи аз ҳафтсад то ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё корҳои ҳатмӣ ба муҳлати аз дусад то дусаду чил соат ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлат аз як то ду сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба муҳлати то се сол ё бидуни он ҷазо пешбинӣ гардидааст.

Бо қонуни мазкур ба кодекси амалкунанда моддаи $240^1$ (Машғул шудан ба сеҳру ҷоду ва фолбинӣ) илова гардида, мутобиқи он, барои машғул шудан ба сеҳру ҷоду ва фолбинӣ, агар чунин кирдор дар давоми соли баъд аз татбиқи ҷазои маъмурӣ содир шуда бошад, бо ҷарима ба андозаи аз як ҳазору панҷсад то ду ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз як то ду сол ҷазо дода мешавад.

Инчунин, ба кодекс моддаи $334^2$, ки муқарраротро оид ба вайрон кардани талаботи қонунгузорӣ дар бораи танзими ҷашну маросим пешбинӣ менамояд, илова гардида, тибқи он, барои аз ҷониби соҳибкори инфиродӣ, муассис ё роҳбари ташкилоти тиҷоратӣ, сархатиб, имомхатиб, имоми масҷиди панҷвақта, ходими ғайрирасмии динӣ, раиси маҳалла ва дигар роҳбари мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ, инчунин, аз ҷониби шахсони дигар ба таври дағалона ё дар вазъияти фавқулода, пандемияи бемориҳои сироятӣ, ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенидошта содир шудани ҳамин кирдорҳо дар давоми соли баъди татбиқи ҷазои маъмурӣ бо ҷарима ба андозаи аз ду ҳазору дусад то ду ҳазору панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз ду то се сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба ҳамин муҳлат ё бидуни он ҷазо пешбинӣ шудааст.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мутобиқ буда, барои татбиқи дурусти меъёрҳои кодекс, риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи талаботи он мусоидат менамояд. Бо эҳтиром хоҳиш мекунам, ки он ҷонибдорӣ карда шавад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» оғоз менамоем. Сухан ба Раҳмон Дилшод дода мешавад. Марҳамат.

**Дилшод РАҲМОН:**

- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро 8 майи соли 2024 Маҷлиси намояндагон қабул кардааст.

Мақсади қонуни мазкур мушаххас ва пурзӯр намудани ҷавобгарии маъмурӣ барои иҷро накардани уҳдадорӣ оид ба таълиму тарбияи кӯдак, инчунин, ба кӯдак додани иҷозати воридшавӣ ба марказҳои дилхушӣ ва бозиҳои компютерӣ, риоя накардани талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад.

Ҳамзамон, бо қонуни мазкур моддаҳои 90, $464^1$ ва 481-уми кодекси амалкунанда дар таҳрири нав ифода ёфта, тибқи онҳо, барои иҷро накардани уҳдадориҳо дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак аз ҷониби падару модар, васӣ, парастор, шахсе, ки дар асоси шартнома кӯдакро тарбия мекунад, намояндаи дигари қонунии кӯдак, шахси дигари воқеӣ, ки кӯдак таҳти тарбияи ӯ қарор дорад, инчунин, аз тарафи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба кӯдак додани иҷозати воридшавӣ ба марказҳои дилхушӣ, марказҳои пешниҳоди бозиҳои компютерӣ, риоя накардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба вақти манъшуда, ҷазои маъмурӣ дар моддаҳои мазкур нисбат ба субъектони ҳуқуқвайронкунанда мушаххас ва пурзӯр карда шудааст.

Инчунин, вобаста ба риоя накардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи танзими ҷашну маросим меъёрҳо мушаххас гардида, барои вайрон кардани тартиби баргузории ҳама гуна маросими миллӣ, ба монанди тӯйи домодию арӯсӣ, маросими азодорӣ, зодрӯз, хатнасур, маросими дигар вобаста ба таваллуди кӯдак, вайрон намудани тартиби хизматрасонии ҷашну маросим, риоя накардани маъракаҳои гуселу пешвоз вобаста ба адои ҳаҷ ё умра, дар вазъияти фавқулода ё пандемияи бемориҳои сироятӣ ва ғайра аз ҷониби шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ барои содир намудани кирдорҳояшон ҷазои маъмурӣ нисбатан мушаххас ва пурзӯр гардидааст.

Тибқи тағйирот, моддаи 482-юми кодекси амалкунанда (Машғул шудан ба сеҳру ҷоду ва фолбинӣ) дар таҳрири нав ифода ёфта, мувофиқи он ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз ҳаштод то сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима ё ҳабси маъмурӣ ба муҳлати аз даҳ то понздаҳ шабонарӯз пешбинӣ шудааст.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мутобиқ буда, барои пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ дар самти марбута мусоидат менамояд. Бо эҳтиром хоҳиш мекунам, ки он ҷонибдорӣ карда шавад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ мекунем. Сухан ба Раҳмон Дилшод дода мешавад. Марҳамат.

**Дилшод РАҲМОН:**

- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз ҷониби гурӯҳи вакилони Маҷлиси намояндагон пешниҳод гардида, онро 20-уми марти соли 2024 Маҷлиси намояндагон қабул кардааст.

Мақсади қонуни мазкур мутобиқ намудани меъёрҳои кодекси амалкунанда ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маҳдуд намудани истифодаи маҳсулоти тамоку» ва пурзӯр намудани ҷавобгарии маъмурӣ буда, дар робита ба ин қисми 3 моддаи 463-юми кодекс дар таҳрири нав ифода ёфта, барои истифодаи маҳсулоти тамоку ва системаҳои электронии таҳвили никотин дар ҷойҳое, ки қонуни мазкур манъ кардааст, ба андозаи аз се то панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима муқаррар гардидааст.

Ҳамзамон, моддаи $463^1$-уми кодекс дар таҳрири нав ифода ёфта, барои фурӯши маҳсулоти тамоку ва системаҳои электронии таҳвили никотин бо истифодаи воситаҳои худкор, дастӣ ва дар ҷойҳое, ки барои савдо пешбинӣ нашудаанд, дар баробари шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба соҳибкорони инфиродӣ низ ҷавобгарӣ муқаррар шудааст, ки он ба андозаи аз панҷоҳ то сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо мебошад.

Қисми 2 моддаи зикршуда ҷавобгариро барои фурӯши чаканаи маҳсулоти тамоку ва системаҳои электронии таҳвили никотин дар объекти тиҷоратӣ тариқи берун мондан ва намоиш додани он муқаррар намуда, ба соҳибкорони инфиродӣ ба андозаи аз сад то дусад ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз дусад то сесад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима пешбинӣ кардааст.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мутобиқ буда, баҳри баланд бардоштани масъулияти субъектони алоҳида ва пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ дар ин самт мусоидат менамояд. Бо эҳтиром хоҳиш мекунам, ки он ҷонибдорӣ карда шавад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ мекунем. Сухан ба Раҳмон Дилшод дода мешавад. Марҳамат.

**Дилшод РАҲМОН:**

- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро 22-юми майи соли 2024 Маҷлиси намояндагон қабул кардааст.

Бо қонуни мазкур, бинобар тағйир ёфтани номи Агентии амнияти ядроӣ ва радиатсионии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қисми 2 моддаи $96^1$-уми кодекси амалкунанда калимаҳои «Агентии амнияти ядроӣ ва радиатсионии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба калимаҳои «Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон» иваз карда шудаанд.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мутобиқ буда, барои риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи талаботи кодекс мусоидат менамояд. Бо эҳтиром хоҳиш мекунам, ки он ҷонибдорӣ карда шавад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ мекунем. Сухан ба Раҳмон Дилшод дода мешавад. Марҳамат.

**Дилшод РАҲМОН:**

- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро 22 – юми майи соли 2024 Маҷлиси намояндагон қабул кардааст.

Мақсади қонуни мазкур дастгирии иҷтимоии кормандоне, ки кӯдаки маъюби то синни ҳаждаҳро танҳо тарбия мекунанд буда, бо ин васила ба қисми 2 моддаи 94-уми Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки масъалаи давомнокии рухсатии асосии ҳарсолаи дарозкардашударо танзим намудааст, сархати дувоздаҳум илова гардида, тибқи он, ба кормандоне, ки кӯдаки маъюби то синни ҳаждаҳро танҳо тарбия мекунанд, 35 рӯзи тақвимӣ рухсатии асосии ҳарсолаи дарозкардашуда муқаррар мешавад.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мутобиқ буда, барои риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи талаботи кодекс мусоидат менамояд. Бо эҳтиром хоҳиш мекунам, ки он ҷонибдорӣ карда шавад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» оғоз менамоем. Сухан ба Раҳмон Дилшод дода мешавад. Марҳамат.

**Дилшод РАҲМОН:**

- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро 12-уми июни соли 2024 Маҷлиси намояндагон қабул кардааст.

Мақсади қонун такмили меъёрҳои алоҳидаи қонуни амалкунанда буда, бо ин васила ба моддаи 11 қисми панҷум илова гардидааст, ки тибқи он, шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд ҳуқуқ доранд назорати сарҳадиро тавассути «Дарвозаҳои электронӣ» гузаранд. Тартиби гузаштан аз назорати сарҳадӣ тавассути «Дарвозаҳои электронӣ» аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

Ҳамзамон, бо иловаи ҷумлаи дуюм ба банди 8) қисми дуюми моддаи 33 дар сурати убури Сарҳади давлатӣ аз ҷониби шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд тавассути «Дарвозаҳои электронӣ» дар ҳуҷҷатҳои онҳо, ки барои убури Сарҳади давлатӣ ҳуқуқ медиҳанд, қайдҳои дахлдор гузошта намешаванд.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мутобиқ буда, барои содагардонии расмиёти убури Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мусофирон, мусоидат менамояд. Бо эҳтиром хоҳиш мекунам, ки он ҷонибдорӣ карда шавад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

(Давомаш дар саҳ. 3)

(Идома аз саҳ. 2)

# ҚОНУНҲО ҶОНИБДОРӢ ВА НОМИ ЧАНД МАҲАЛИ АҲОЛИНИШИН ИВАЗ ШУДАНД

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» шурӯъ мекунем. Сухан ба Раҳмон Дилшод дода мешавад. Марҳамат.

**Дилшод РАҲМОН:**

- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро 20-уми марти соли 2024 Маҷлиси намояндагон қабул кардааст.

Мақсади қонун такмили меъёрҳои алоҳидаи қонуни амалкунанда дар робита ба Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» аз 22-юми июни соли 2023, №586 буда, дар ин замина ба моддаҳои 13, 25, 26, 31, 33 ва 34 тағйирот ворид гардидааст, ки тибқи онҳо, калимаҳои «хироҷ ситонида», «ситонида», «пардохт ва ҳуҷҷати тасдиқкунандаи», «ҳуҷҷате, ки пардохти хироҷро барои азнавбақайдгирии ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ тасдиқ мекунад» ва «ҳуҷҷати тасдиқкунандаи аз ҷониби аризадиҳанда пардохти» мувофиқан ба калимаҳои «тариқи ғайринақдӣ», «пардохт карда», «тариқи ғайринақдӣ пардохт ва маълумот доир ба», «маълумот доир ба тариқи ғайринақдӣ пардохт гардидани хироҷ барои азнавбарасмиятдарории ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ» ва «маълумот доир ба тариқи ғайринақдӣ пардохт гардидани» иваз карда шудаанд.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мутобиқ буда, баҳри таъмини ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ, мусоидат менамояд. Бо эҳтиром хоҳиш мекунам, ки он ҷонибдорӣ карда шавад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» оғоз менамоем. Сухан ба Раҳмон Дилшод дода мешавад. Марҳамат.

**Дилшод РАҲМОН:**

- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро 22-юми майи соли 2024 Маҷлиси намояндагон қабул кардааст.

Мақсади қонун такмил ва мутобиқ намудани меъёрҳои алоҳидаи қонуни амалкунанда ба талаботи дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз», буда, дар зиёда аз понздаҳ моддаи қонун баъзе калимаву ибораҳо илова ё иваз карда шудаанд, ки бештар хусусияти муайянкунанда, мутобиққунанда ва имлоӣ доранд.

Ҳамзамон, ба моддаҳои 11 ва 12 иловаҳо ворид гардидаанд, ки тибқи онҳо Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба таъмини баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз мусоидат намуда, дигар ваколатҳоеро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт пешбинӣ кардааст, анҷом медиҳад.

Инчунин, қисми 1 моддаи 17 дар таҳрири нав ифода ёфта, такмил дода шуда, моддаи $17^1$, ки меъёрро роҷеъ ба фаъолият оид ба медиатсия (миёнҷигарӣ) пешбинӣ менамояд, илова гардидааст. Дар баробари ин, ба моддаи 22 қисми 2 илова шудааст, ки тибқи он, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон экспертизаи зиддитабъизии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои онҳоро бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мегузаронад ва хулосаи худро доир ба мутобиқатии онҳо ба қонунгузорӣ дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз пешниҳод менамояд.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мутобиқ буда, барои аз ҷониби Ваколатдор оид ба ҳуқуқи иснон татбиқ намудани ваколатҳои дар қонунгузорӣ пешбинигардида мусоидат менамояд. Бо эҳтиром хоҳиш мекунам, ки он ҷонибдорӣ карда шавад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳофизат ва истифодаи олами наботот» шурӯъ мекунем. Сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, шуғли аҳолӣ ва экология Саид Давлаталӣ дода мешавад. Марҳамат.

**Давлаталӣ САИД:**



- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳофизат ва истифодаи олами наботот» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби як гурӯҳ вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 20-уми марти соли 2024 қабул намудааст.

Қонуни мазкур бо мақсади тақвият бахшидан ба заминаи ҳуқуқии бамеъёрдарории истифода, ҳифзи наботот ва бартараф намудани мухолифат дар муносибатҳои байни истифодабарандагони муҳити зист, инчунин, бо мақсади мутобиқ сохтани қонуни амалкунанда ба як қатор қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидааст.

Қисми 6 моддаи 14 дар таҳрири нав ифода гардидааст, ки мутобиқи он минбаъд иҷозатномадиҳӣ ва додани иҷозат барои истифодаи объектҳои олами наботот тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» амалӣ мешавад.

Илова бар ин, қисми якуми моддаи 22 дар таҳрири нав ифода гардидааст, ки тибқи он, минбаъд бо мақсади нигоҳдорӣ ва барқароркунии объектҳои олами наботот истифодаи намудҳои алоҳидаи онҳо бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад маҳдуд ё муваққатан боздошта шавад.

Мутобиқи тағйироти пешбинигардида ба моддаи 25-уми қонун аз ин пас тавассути сарҳади давлатӣ воридот, содирот ва интиқол додани молҳои аз растаниҳо ҳосилшуда, ки таҳти реҷаи карантинӣ қарор доранд, бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи карантин ва муҳофизати растаниҳо» амалӣ мешавад.

Қонун ба Конститутсия, дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, мутобиқ буда, хоҳишмандем онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳофизат ва истифодаи олами наботот» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чарогоҳ» оғоз менамоем. Сухан ба Саид Давлаталӣ дода мешавад. Марҳамат.

**Давлаталӣ САИД:**

- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чарогоҳ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 марти соли 2024 қабул намудааст.

Қонуни мазкур бо мақсади иҷрои талаботи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22-юми июни соли 2023, №586 «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» таҳия ва қабул гардидааст, зеро тибқи фармони мазкур пардохти андозҳо, боҷҳои давлатӣ барои додани иҷозат ва иҷозатномаҳо, дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет ва намудҳои дигари хизматрасониҳои давлатӣ бояд тариқи ғайринақдӣ амалӣ шаванд. Бинобар ин, ба моддаи 24-уми қонуни амалкунанда тағйири дахлдор ворид мешавад, ки минбаъд он барои тариқи ғайринақдӣ пардохт намудани маблағи хизматрасониҳои давлатии истифодаи чарогоҳҳо имкон медиҳад.

Қонун ба Конститутсия, дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, хоҳишмандем онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чарогоҳ» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи карантин ва муҳофизати растаниҳо» шурӯъ мекунем. Сухан ба Саид Давлаталӣ дода мешавад. Марҳамат.

**Давлаталӣ САИД:**

- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи карантин ва муҳофизати растаниҳо» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 22-юми майи соли 2024 қабул намудааст.

Қонуни мазкур бо мақсади тақвият бахшидан ба заминаи ҳуқуқии бамеъёрдарории истифода, ҳифзи муҳофизати растаниҳо ва бартараф намудани мухолифат ва мутобиқ сохтани қонуни амалкунанда ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидааст.

Ба моддаи 1-уми қонун сархати сию панҷум дар бораи ҳуҷҷати хусусияти иҷозатдиҳӣ-сертификати карантинӣ илова гардидааст, ки мутобиқи он минбаъд барои интиқоли маводи таҳти карантин қарордошта дар ҳудуди ҷумҳурӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ сертификати карантинӣ ҳамчун ҳуҷҷати расмии якдафъаина дода мешавад, ки он мутобиқати маводи мазкурро ба қоида ва меъёрҳои таъмини карантини растанӣ тасдиқ мекунад. Илова бар ин, бо пешниҳоди қисми 2 моддаи 6 мутобиқ ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» минбаъд барои таъмини карантини растанӣ ҳангоми таҳлили лабораторӣ ва дигар корҳои вобаста ба карантин ва муҳофизати растаниҳо пардохтҳо рӯёнида мешаванд.

Бо тағйиру иловаҳои воридгардида ба моддаи 8-уми қонун ба ваколати мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи бехатарии озуқаворӣ ҳамчун яке аз мақомоти амаликунандаи сиёсати давлатӣ дар соҳаи карантин ва растаниҳо ваколатҳои нав, ба монанди амалӣ намудани сертификатсияи маводи таҳти карантин қарордошта, додани сертификати карантинӣ ва сертификати фитосанитарӣ барои интиқоли маҳсулоти растанӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва содироти он ба хориҷа, додани иҷозати воридоти карантинӣ барои ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудани маводи таҳти карантин қарордошта, татбиқи ҷазои маъмурӣ нисбат ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани қоидаҳои таъмини карантини растанӣ ва дигар масъалаҳои танзимкунандаи марбут ба соҳа илова мешаванд.

Қонун ба Конститутсия, дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ буда, хоҳишмандем онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи карантин ва муҳофизати растаниҳо» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» оғоз менамоем. Сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, ҳифзи сиҳатӣ, илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонону занон Гулзода Маҳмадшоҳ дода мешавад. Марҳамат.

**Маҳмадшоҳ ГУЛЗОДА:**



- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 8 - уми майи соли 2024 қабул кардааст.

Ҳадафи қабули қонуни мазкур дар таҳрири нав, танзими ҳаматарафаи ҷашну маросими мардумӣ, такмили қонунгузорӣ дар ин самт ва ба ин васила ҳимояи манфиатҳои иҷтимоию иқтисодии аҳолӣ, давра ба давра поин бурдани сатҳи камбизоатӣ, баланд бардоштани ҳар як қишри ҷомеа, роҳ надодан ба хароҷоти беҳуда ҳангоми баргузории ҷашну маросим, ки ба манфиатҳои иқтисодӣ ва фазои маънавии ҳаёти шаҳрвандон зарари ҷиддӣ ворид менамоянд, мебошад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз муқаддима, 6 боб ва 22 модда иборат буда, дар муқоиса бо қонуни амалкунанда номи он иваз карда, аз ном ва тамоми матн калимаи «анъана» хориҷ карда шуд.

Боби 1-уми қонуни мазкур ба «Муқаррароти умумӣ» бахшида шуда, аз 5 модда иборат аст, ки дар он мафҳумҳои асосии дар қонун истифодашуда, доираи амали қонуни мазкур ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи танзими ҷашну маросим муайян шудааст.

Боби 2 «Салоҳият ва ваколатҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот оид ба танзими ҷашну маросим» ном дошта, аз моддаҳои 4 - 8 таркиб ёфтааст, ки дар он моддаҳои нав доир ба салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот илова карда шуда, инчунин, як қатор меъёрҳои нав пешбинӣ гардидаанд, ки онҳо асосан барои такмили фаъолияти комиссияҳои доимии маҳаллӣ ва комиссияҳои ҷамъиятӣ оид ба танзими ҷашну маросим, сарфаю сариштакорӣ, роҳ надодан ба хароҷоти беҳуда ҳангоми баргузории ҷашну маросим ва дар умум ба манфиатҳои мардум равона шудааст.

Дар боби 3 таҳти унвони «Танзими ҷашну маросим», ки 7 моддаро дар бар мегирад, меъёрҳои марбут ба ҷашнҳои расмӣ, хатнасур ва маросими дигари вобаста ба таваллуди кӯдак, тӯйи домодию арӯсӣ, маросими ҳаҷ ва умра такмил дода шудааст.

Тибқи меъёрҳои пешбинигардида дар рӯзҳои иди Рамазон ва иди Қурбон исрофкорӣ, зиёдаравӣ, тақдими ширинӣ ва туҳфаҳои дигар (идгардак) манъ буда, инчунин, муҳлати ба таври ройгон гузарондани хатна дар муассисаҳои тиббӣ аз бист рӯз ба як моҳ баъд аз таваллуди писар тамдид шуда, меъёрҳои марбут ба хатнасури хайриявӣ хориҷ гардид.

Дар илова ба муқаррароти мавҷуда оид ба тӯйи домодию арӯсӣ ва маросими ҳаҷ ва умра ба ҷойи додани зиёфат ё оши тӯй ва ба ҳоҷиёну умракунандагон ба ҷойи маъракаҳои манъшуда имкони сарф намудани маблағҳо барои корҳои хайриявию эҳсонкорӣ, аз ҷумла таъмири роҳ, кашидани хати об, сохтмон ва ё таъмири иншооти иҷтимоӣ ва пулҳо пешниҳод шудааст.

Бобҳои 4 ва 5 аз моддаҳои 17-19 иборат буда, ба таври мушаххас тартиби хизматрасонӣ дар ҷашну маросим, уҳдадории шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳангоми гузарондани ҷашну маросим ва ҷалб намудани аҳли ҷомеа ҳангоми гузарондани тӯю маъракаҳо муайян шудааст, ки тибқи он, минбаъд сарҳатибон, имомхатибон, имомҳои масҷидҳои панҷвақта, ходимони ғайрирасмии динӣ, раисони маҳаллаҳо ва роҳбарони мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ барои риояи талаботи қонуни мазкур дар ҳудуди деҳаю маҳали истиқомат ва ё фаъолият масъулият доранд. Ҳамчунин, тибқи меъёри нав воридот, фурӯш, тарғиби либосҳои ба фарҳанги миллӣ бегона, инчунин, дар ҷойҳои ҷамъиятӣ пӯшидани чунин либосҳо манъ мебошанд.

Боби 7 таҳти унвони «Муқаррароти хотимавӣ» ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи қонуни мазкур ва аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешбинӣ намуда, тартиби мавриди амал қарор додани онро муайян кардааст.

Қонуни пешниҳодгардида ба талаботи техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ мувофиқ буда, аз аъзои Маҷлиси миллӣ бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоянд.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» шурӯъ мекунем. Сухан ба Гулзода Маҳмадшоҳ дода мешавад. Марҳамат.

**Маҳмадшоҳ ГУЛЗОДА:**

- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 8 - уми майи соли 2024 қабул кардааст.

Қонуни мазкур аз 7 боб ва 25 модда таркиб ёфта, муносибатҳоро оид ба масъулият дар таълиму тарбияи кӯдак бо мақсади таълиму тарбияи кӯдак дар рӯҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ танзим намуда, ба ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак равона гардидааст. Дар муқоиса бо қонуни амалкунанда номи он иваз ва меъёрҳо такмил дода шудаанд.

Ба қонун 2 боб, ки меъёрҳоро вобаста ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, салоҳият ва ваколати онҳо дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак, ҳуқуқу уҳдадориҳои муассисаи таълимӣ ва омӯзгор дар бар мегиранд, инчунин, 14 моддаи нав ворид карда шуд.

Дар қонун, аз ҷумла дар моддаҳои алоҳида принсипҳои масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак, сиёсати давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак ва ҷалби аҳли ҷомеа барои таълиму тарбияи кӯдак, комиссияҳои ҷамъиятӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак ва вазифаҳои онҳо пешбинӣ шудаанд. Ҳамчунин, меъёрҳо вобаста ба ҳуқуқҳои падару модар дар таълиму тарбияи кӯдак, уҳдадориҳои онҳо дар таълим ва тарбияи кӯдак такмил дода шудаанд.

Дар ин раванд, мувофиқи моддаи 14 - и қонун падару модар ва шахсони онҳоро ивазкунанда, ҳамчунин, ҳуқуқ доранд ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҷиҳати таълиму тарбияи кӯдак тибқи қонунгузории амалкунанда шартнома банданд, нисбат ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳангоми аз ҷониби онҳо монеа эҷод кардан ба таълиму тарбияи кӯдак ба мақомоти дахлдор муроҷиат намоянд ва аз имтиёзҳои пешбинишуда тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода намоянд.

Мувофиқи моддаи 15-уми қонун падару модар дар раванди таълими кӯдак, ҳамчунин, уҳдадоранд, ки ба омӯзиши забони давлатӣ ва забонҳои хориҷӣ мусоидат намоянд, бидуни зарурати тиббӣ ҷиҳати пешгирии тағйири сунъии намуди зоҳирии кӯдак чораандешӣ намоянд, дар ҷашну маросим ва таҷлили зодрӯзи кормандони муассисаҳои таълимӣ пешниҳоди туҳфаҳои молию пулиро аз ҷониби кӯдак манъ намоянд ва ҳама гуна пардохти маблағро аз ҷониби кӯдак ба кормандони муассисаҳои таълимӣ иҷозат надиҳанд.

Меъёрҳои мазкур масъулияти падару модарро дар омӯзиши забони давлатӣ ва ҳамчунин, забонҳои хориҷӣ баланд бардошта, ҳолатҳои пешниҳоди туҳфаҳои пулию молӣ ва пардохти маблағро ба кормандони муассисаҳои таълимӣ аз ҷониби падару модар ва кӯдак пешгирӣ менамояд.

Дар умум қабули қонуни мазкур дар таҳрири нав заминаи ҳуқуқиро барои низом ва ислоҳоти назаррас дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак ва иштироки фаъоли тамоми қишрҳои ҷомеа фароҳам овардааст.

Қонун ба Конститутсия, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мутобиқ буда, аз аъзои Маҷлиси миллӣ бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоянд.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» оғоз менамоем. Сухан ба Гулзода Маҳмадшоҳ дода мешавад. Марҳамат.

**Маҳмадшоҳ ГУЛЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 12 - уми июни соли 2024 қабул намудааст

Қонуни мазкур аз 3 боб ва 14 модда таркиб ёфта, асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва идоракунии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро танзим намуда, бо мақсади мувофиқ намудани мақоми муассиса ба талаботи байналмилалии таҳсилот, тайёр намудани кадрҳои баландихтисос ва ҷавобгӯй ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ пешниҳод гардидааст.

Бобҳои 1 ва 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» аз 12 модда иборат буда, вазъи ҳуқуқӣ ва раванди фаъолияти Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро ҳамчун муассисаи таълимии худмухтор, инчунин, мақоми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва муассиси онро муайян намудааст.

Ҳамзамон, дар бобҳои мазкур ба таври мушаххас сохтори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, тартиби таҳияи оинномаи он, тартиби таъин ва озод намудани ректор, муовини якум ва муовинони ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон танзим гардида, равандро дар самти фаъолияти таълимӣ, илмӣ ва методии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва амалӣ намудани ин фаъолиятҳо, инчунин, фаъолияти байналмилалӣ ва маблағгузорӣ ва молу мулки Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро пешбинӣ намудааст.

Боби 3 таҳти унвони «Муқаррароти хотимавӣ» ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи қонуни мазкур ва тартиби мавриди амал қарор додани онро муайян намудааст.

Қонун ба талаботи Конститутсия, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ буда, аз аъзои Маҷлиси миллӣ бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоянд.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» шурӯъ мекунем. Сухан ба Гулзода Маҳмадшоҳ дода мешавад. Марҳамат.

**Маҳмадшоҳ ГУЛЗОДА:**

- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати танзими заминаи меъёрии ҳуқуқии марказҳои инкишофи кӯдак ва «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 20- уми марти соли 2024 қабул намудааст.

Бо ин мақсад ба моддаи 16-уми қонуни амалкунанда қисми 18 илова гардидааст, ки он дар сохтори муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ, дар сурати мавҷуд будани заминаи зарурии моддию техникӣ, таълиму тарбияи томактабӣ дар шакли марказ (гурӯҳ)-и инкишофи барвақтии кӯдак бе таъсиси шахси ҳуқуқиро пешбинӣ намудааст. Тибқи ин илова, таъсиси шакли алтернативии таълиму тарбияи томактабӣ - марказ (гурӯҳ) - и инкишофи барвақтии кӯдак заминаи ҳуқуқӣ пайдо намуда, имкон фароҳам меорад, ки фарогирӣ ба таълиму тарбияи томактабӣ бештар шавад

Қонуни пешниҳодгардида ба талаботи техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ мувофиқ буда, аз аъзои Маҷлиси миллӣ бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоянд.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» оғоз менамоем. Сухан ба Гулзода Маҳмадшоҳ дода мешавад. Марҳамат.

**Маҳмадшоҳ ГУЛЗОДА:**

- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 22- юми майи соли 2024 қабул кардааст.

Бо мақсади баланд бардоштани ихтисоси касбии кормандони соҳаи маориф ба моддаи 51-уми қонуни мазкур, ки уҳдадориҳо ва масъулияти омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маорифро дар раванди таълиму тарбия муайян менамояд, рақами «5» ба рақами «3» иваз гардидааст, ки тибқи он, минбаъд омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф уҳдадоранд бо мақсади такмили маҳорати касбӣ ҳар 3 сол ихтисосашонро такмил диҳанд.

Қонун ба Конститутсия, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, аз аъзои Маҷлиси миллӣ ҷонибдории онро хоҳиш менамоям.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» шурӯъ мекунем. Сухан ба Гулзода Маҳмадшоҳ дода мешавад. Марҳамат.

**Маҳмадшоҳ ГУЛЗОДА:**

- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи як гурӯҳ вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 17 - уми апрели соли 2024 қабул намудааст.

Тағйиру иловаҳо ба қонуни мазкур бо мақсади такмил ва мутобиқ гардондани он ба муқаррароти Конститутсия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин, ҳифзи бештари ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд дар доираи муносибатҳои оилавӣ ва мушаххас намудани вазифаҳои субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила пешниҳод гардидааст. Бо ин мақсад муқаддимаи қонун дар таҳрири нав ифода ва моддаи $16^1$ илова гардидааст, ки он фаъол намудани хати алоқаи телефони бовариро пешбинӣ кардааст.

Дар моддаи 1-уми қонун мафҳумҳои «зӯроварӣ дар оила» ва «зӯроварии равонӣ дар оила» такмил дода шуда, ба моддаҳои 1, 3, 6, 7, 16, 18, 21 як қатор тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст, ки хусусияти таҳририӣ, муайянкунанда ва танзимкунанда дошта, матни онро мукаммал менамоянд.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мутобиқ буда, аз аъзои Маҷлиси миллӣ ҷонибдории онро хоҳиш менамоям.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нишондиҳанда барои ҳисобҳо» шурӯъ менамоем. Сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисодиёту коммуникатсия Ҷумъазода Шарифҷон дода мешавад. Марҳамат.

(Давомаш дар саҳ. 4)

(Идома аз саҳ. 3)

# ҚОНУНҲО ҶОНИБДОРӢ ВА НОМИ ЧАНД МАҲАЛИ АҲОЛИНИШИН ИВАЗ ШУДАНД

**Шарифҷон ҶУМЪАЗОДА:**
- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нишондиҳанда барои ҳисобҳо» аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 22 - юми майи соли 2024 қабул кардааст.



Тибқи муқаррароти қонуни мазкур, нишондиҳанда барои ҳисобҳо минбаъд ҳамчун бузургии арзиш (ҳадди ақал ва ё ниҳоӣ) барои ҳисоб кардани андозҳо, боҷҳо, пардохтҳои дигари ҳатмӣ, ҷарима ҳамчун ҷазо, кумакпулиҳо ва иловапулиҳои иҷтимоӣ татбиқ мешавад, ки мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои соли молиявии дахлдор муқаррар мегардад.

Қонун ба Коиститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ буда, хоҳишмандам онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нишондиҳанда барои ҳисобҳо» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» оғоз менамоем. Сухан ба Ҷумъазода Шарифҷон дода мешавад. Марҳамат.

**Шарифҷон ҶУМЪАЗОДА:**
- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби истифодаи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 12 - уми июни соли 2024 қабул намудааст.

Қонун бо мақсади дастгирии давлатии соҳаҳои парандапарварӣ, моҳипарварӣ, истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво таҳия гардидааст.

Ёдовар шудан бамаврид аст, ки мухлати имтиёзҳои андозии низоми содакардашудаи андозбандии фаъолияти парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво аз 1 январи соли 2024 ба итмом расидааст. Бинобар ин, бо дарназардошти афзалияти соҳаи мазкур дар таъмини озуқаворӣ, дар лоиҳа тамдид намудани муҳлати низоми мазкур то 1 январи соли 2026 пешбинӣ намудани имтиёз ба андозаи 50 дарсади меъёри андозҳои дар Кодекси андоз муқарраршуда, инчунин, татбиқи имтиёзҳо нисбат ба воридоти гандум барои эҳтиёҷоти субъектҳои фаъолияти парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво танҳо ба гандуми навъҳои 5 ва 6 пешбинӣ шудааст.

Қонун ба Коиститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ буда, хоҳишмандам онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» шурӯъ мекунем. Сухан ба Ҷумъазода Шарифҷон дода мешавад. Марҳамат.

**Шарифҷон ҶУМЪАЗОДА:**
- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 12 - уми июни соли 2024 қабул намудааст.

Қонуни мазкур бо мақсади мутобиқ намудани қонуни амалкунанда ба муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он» қабул шудааст.

Ҳамин тариқ, дар сархати сеюми қисми 3 моддаи 4, сархатҳои ҳаштум ва нуҳуми қисми 1 моддаи 28, номи боби 19, моддаҳои 72, 73 ва 74-уми қонуни амалкунанда, калимаҳои «ҳуқуқ ба амволи ғайриманқул ва аҳдҳо бо он», «амвол», ва «амволи ғайриманқул ва аҳдҳо бо он», ба калимаҳои «молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он», «молу мулк», ва «молу мулки ғайриманқул» иваз гардидаанд, ки хусусияти мутобиқнамоии байниҳамдигарии меъёрҳои танзимкунандаи ҳуқуқиро доранд.

Қонун ба Коиститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ буда, хоҳишмандам онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи стандартонӣ» оғоз менамоем. Сухан ба Ҷумъазода Шарифҷон дода мешавад. Марҳамат.

**Шарифҷон ҶУМЪАЗОДА:**
- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи стандартонӣ» аз ҷониби як гурӯҳ вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 11-уми апрели соли 2024 қабул намудааст.

Қонуни мазкур бо мақсади мутобиқ намудани меъёрҳои қонуни амалкунанда ба муқаррароти Конститутсия, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатӣ», «Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатӣ» ва «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» қабул гардидааст.

Ҳамин тариқ, ба қонуни амалкунанда моддаи $2^1$ илова шудааст, ки он татбиқи доираи амали қонун ва назорати давлатиро дар соҳаи стандартонӣ муқаррар менамояд.

Инчунин, ба моддаи 9-уми қонуни амалкунанда қисмҳои 4 ва 5 илова шудааст, ки тибқи он, ваколатҳои кумитаҳои техникӣ оид ба стандартонӣ ва хароҷот вобаста ба фаъолияти кумитаҳои мазкур аз ҳисоби субъектҳои ташаббускор пешбинӣ гардидааст.

Қонун ба Коиститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ буда, хоҳишмандам онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи стандартонӣ» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаҳо оид ба тақсими маҳсулот» шурӯъ мекунем. Сухан ба Ҷумъазода Шарифҷон дода мешавад. Марҳамат.

**Шарифҷон ҶУМЪАЗОДА:**
- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаҳо оид ба тақсимоти маҳсулот» аз ҷониби як қатор вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 17 - уми апрели соли 2024 қабул намудааст.

Қонуни мазкур бо мақсади мутобиқ намудани меъёрҳои қонуни амалкунанда ба муқаррароти қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатӣ», «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи тандурустӣ, ҳифзи табиат ва сармоягузорӣ қабул гардидааст.

Ҳамин тариқ, ба банди дуюми қисми 3 моддаи 4 илова ворид гардидааст, ки тибқи он, минбаъд зарурати кам кардани талафоти технологии маъданҳои фоиданок, инчунин, пешгирӣ кардани оқибатҳои эҳтимолии манфии иҷтимоӣ - экологиро талаб менамояд.

Ҳамзамон, моддаи 14 дар таҳрири нав ифода гардида, мутобиқи он минбаъд дар давоми мухлати эътибори созишнома сармоягузор андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмиро мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохт менамояд.

Илова бар ин, қисми 2 моддаи 19 дар таҳрири нав ифода гардида, мутобиқи он нисбат ба сармоягузор амали санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти худидоракунии маҳаллӣ татбиқ намегарданд, агар санадҳои мазкур маҳдудияти ҳуқуқҳои мувофиқи созишнома соҳибгардида ва амалишавандаи сармоягузорро муқаррар намоянд, ба истиснои маҳдудияти дастурҳои мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррарнамудаи мақомоти дахлдори назоратӣ, ки бо мақсади таъмини бехатарии иҷрои кор, ҳифзи сарватҳои зеризаминӣ, муҳити зист, саломатии аҳолӣ, ҳамчунин, таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва амнияти давлатӣ дода мешаванд.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ буда, хоҳишмандам онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаҳо оид ба тақсими маҳсулот» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» оғоз менамоем. Сухан ба Ҷумъазода Шарифҷон дода мешавад. Марҳамат.

**Шарифҷон ҶУМЪАЗОДА:**
- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 24 - уми апрели соли 2024 қабул намудааст.

Қонуни мазкур бо мақсади ҳамоҳангсозии қонуни амалкунанда ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ», таҳия гардида, баҳри мутобиқнамоии баъзе мафҳумҳои истилоҳҳои асосӣ бо риояи талаботи техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ қабул шудааст.

Ҳамчунин, дар моддаи 81-уми қонуни амалкунанда тағйирот ворид гардида, он бо мақсади мушаххас намудани мазмуни дорои маълумоти махфӣ ва пешгирӣ намудани дастрасии он ба шахсони ғайр қабул шуда, механизмҳои таъмини махфияти маълумоти дорои сирри Бонки миллии Тоҷикистонро мукаммал менамояд.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ буда, хоҳишмандам онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» шурӯъ мекунем. Сухан ба Ҷумъазода Шарифҷон дода мешавад. Марҳамат.

**Шарифҷон ҶУМЪАЗОДА:**
- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 24 - уми апрели соли 2024 қабул намудааст.

Қонуни мазкур бо мақсади ба талаботи барои ҳамаи намудҳои фаъолияти иҷозатномадодашаванда ҳатмии муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» мутобиқ намудани меъёрҳои қонуни амалкунанда қабул шуд.

Ҳамин тариқ, ба моддаи 14-уми қонуни амалкунанда қисми 3 илова гардидааст, ки он тавассути низоми электронӣ пешниҳод намудани маълумотҳо барои гирифтани иҷозатномаи заруриро имкон медиҳад. Инчунин, моддаи 17 дар таҳрири нав ифода ёфта, тибқи он, минбаъд ташкилотҳои маблағгузории хурд мутобиқи қонуни мазкур ба буҷети давлатӣ хироҷ пардохт менамоянд.

Илова бар ин, ба як қатор моддаҳои қонуни амалкунанда тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шудааст, ки онҳо хусусияти муайянкунанда, мутобиқкунанда ва таҳрирӣ доранд.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ буда, хоҳишмандам онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» шурӯъ мекунем. Сухан ба Ҷумъазода Шарифҷон дода мешавад. Марҳамат.

**Шарифҷон ҶУМЪАЗОДА:**
- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 24-уми апрели соли 2024 қабул намудааст.

Қонуни мазкур бо мақсади мутобиқ намудани меъёрҳои он ба шарту талаботи махсуси низоми иҷозатномадиҳӣ барои фаъолияти бонкӣ, ки бо дарназардошти хусусиятҳои хоси фаъолияти бонкӣ дар қонунгузории бонкӣ муқаррар шудаанд, қабул гардидааст.

Инчунин, ба моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» иловаи дахлдор пешбинӣ шуда, имкони тавассути низоми электронӣ пешниҳод намудани маълумот ва ҳуҷҷатҳои барои гирифтани иҷозатнома зарурӣ муқаррар карда шудааст.

Тавассути пешбинӣ намудани тағйирот ба қисми 5 моддаи 10 қонуни амалкунанда, пардохти хироҷ барои баррасии ариза ҷиҳати гирифтани иҷозатнома ҳамчун манбаи маблағгузории буҷети давлатӣ муайян карда мешавад.

Ҳамзамон, моддаи 16 қонуни амалкунанда дар таҳрири нав ифода ёфтааст, ки тибқи он пардохти хироҷ аз тарафи бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» амалӣ мегардад.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ буда, хоҳишмандам онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонки исломӣ» оғоз менамоем. Сухан ба Ҷумъазода Шарифҷон дода мешавад. Марҳамат.

**Шарифҷон ҶУМЪАЗОДА:**
- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонки исломӣ» аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 24 апрели соли 2024 қабул намудааст.

Қонуни мазкур бо мақсади ба талаботи барои ҳамаи намудҳои фаъолияти иҷозатномадодашаванда ҳатмии муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» мутобиқ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонки исломӣ» қабул гардидааст. Илова бар ин, ба моддаи 11 иловаҳои дахлдор ворид гардидааст, ки тибқи он, имкони тавассути низоми электронӣ пешниҳод намудани маълумот ва ҳуҷҷатҳои барои гирифтани иҷозатнома зарурӣ муқаррар карда шудааст.

Аз ҷумла, моддаи 19-уми қонуни амалкунанда дар таҳрири нав ифода гардидааст, ки тибқи он, ташкилотҳои қарзии исломӣ мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» ба буҷети давлатӣ хироҷ пардохт менамоянд.

Бо дарназардошти илова гардидани қисми 10 моддаи 24-уми қонуни амалкунанда, аъзои Шурои нозирони ташкилоти қарзии исломӣ, ба истиснои ташкилоти қарзии исломии давлатӣ, пас аз мувофиқа бо Бонки миллии Тоҷикистон аз ҷониби Маҷлиси умумии саҳмиядорони ташкилоти қарзии исломӣ интихоб карда мешаванд.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ буда, хоҳишмандам онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонки исломӣ» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ» шурӯъ мекунем. Сухан ба Ҷумъазода Шарифҷон дода мешавад. Марҳамат.

**Шарифҷон ҶУМЪАЗОДА:**
- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ» аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 24-уми апрели соли 2024 қабул намудааст.

Қонуни мазкур бо мақсади иҷрои талаботи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22-юми июни соли 2023, №586 «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» ва муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» қабул гардидааст.

Тибқи тағйироти воридгардида, ба моддаи 14 тавассути низоми электронӣ пешниҳод намудани маълумот ва ҳуҷҷатҳои барои гирифтани иҷозатнома зарурӣ ва истиноди умумӣ ба қонунгузорӣ вобаста ба тартиби амалисозии азнавбарасмиятдарорӣ, додани нусхаи дуюм ва бекор кардани амали иҷозатномаро имкон медиҳад. Инчунин, ба қисми 2 моддаи 30-юми қонуни амалкунанда сархати нав илова шудааст, ки он ба муҳлати дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршуда боздоштани амали иҷозатномаи оператори низоми пардохтиро ҳангоми аз тарафи он риоя нагардидани талаботи қонунгозорӣ пешбинӣ менамояд. Илова бар ин, ба як қатор моддаҳои қонуни амалкунанда тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шудааст, ки онҳо хусусияти муайянкунанда, мутобиқкунанда ва таҳрирӣ доранд.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ буда, хоҳишмандам онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» оғоз менамоем. Сухан ба Ҷумъазода Шарифҷон дода мешавад. Марҳамат.

**Шарифҷон ҶУМЪАЗОДА:**
- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 24 - уми апрели соли 2024 қабул намудааст.

Қонуни мазкур бо мақсади мутобиқ намудани қонуни амалкунанда ба меъёрҳои Конститутсия, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллӣ» ва «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» қабул гардидааст.

Моддаҳои 6 ва 14-уми қонуни амалкунанда дар таҳрири нав ифода гардидааст, ки онҳо талаботи мутобиқнамоии пардохти хироҷро бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» ба низом даровардa, доираи амалиёти асъории марбут ба гардиши сармояро муайян менамояд.

Ҳамзамон, бо мақсади ислоҳи камбудиҳои техникиву имлоӣ дар баъзе муқаррароти қонуни мазкур тағйирот ворид шудааст, ки хусусияти ҷавобгӯ ба техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ доранд.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ буда, хоҳишмандам онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таърихи қарз (кредит)» шурӯъ мекунем. Сухан ба Ҷумъазода Шарифҷон дода мешавад. Марҳамат.

**Шарифҷон ҶУМЪАЗОДА:**
- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таърихи қарз (кредит)» аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 24 - уми апрели соли 2024 қабул намудааст.

Қонуни мазкур бо мақсади мутобиқ намудани қонуни амалкунанда ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» қабул шудааст.

Ҳамин тариқ, дар сархати якуми қисми 1 моддаи 7-уми қонуни амалкунанда калимаҳои «иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» ба калимаҳои «низоми иҷозатдиҳӣ» иваз гардида, он ба талаботи қонуни дахлдор дар соҳаи иҷозатдиҳӣ ҷавобгӯ мебошад.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ буда, хоҳишмандам онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таърихи қарз (кредит)» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ» оғоз менамоем. Сухан ба Ҷумъазода Шарифҷон дода мешавад. Марҳамат.

**Шарифҷон ҶУМЪАЗОДА:**
- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ» аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 8-уми майи соли 2024 қабул намудааст.

Қонуни мазкур ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба тақвият бахшидани фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ қабул шудааст.

Ҳамин тариқ, ба моддаи 1-уми қонуни амалкунанда сархатҳои нав ворид гардида, дар он мафҳумҳои «феҳристи ягонаи субъектҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ», «ширкати хизматрасон» ва «принсипи «равзанаи ягона» шарҳ дода шудааст.

Ҳамчунин, ба қисми 2 моддаи 5-уми қонун сархати нав ворид шудааст, ки ба номгӯи минтақаҳои озоди иқтисодии мамлакат илова намудани минтақаҳои озоди иқтисодии комплексӣ равона гардидааст. Ҳамзамон, ба қонуни амалкунанда моддаи $15^1$ илова гардидааст, ки он тартиби интихоб ва тарзи амалишавии фаъолиятии умумии ширкати хизматрасонро муқаррар менамояд.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ буда, хоҳишмандам онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ангишт» шурӯъ мекунем. Сухан ба Ҷумъазода Шарифҷон дода мешавад. Марҳамат.

**Шарифҷон ҶУМЪАЗОДА:**
- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ангишт» аз ҷониби як гурӯҳ вакилони Маҷлиси намояндагон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 1 - уми майи соли 2024 қабул намудааст.

Қонуни мазкур бо мақсади ба муқаррароти қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», «Дар бораи забони давлатӣ», «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи тандурустӣ, ҳифзи табиат, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва бехатарии меҳнат мутобиқ намудани меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ангишт» қабул гардидааст.

Тағйиру иловаҳои пешниҳодшуда хусусияти таҳрирӣ, муайянкунанда ва мутобиқкунанда дошта, барои бартараф намудани мухолифату норасоиҳои ҷойдошта, риояи имлои забони давлатӣ, бо дарназардошти манфиатҳои давлатию ҷамъиятӣ беҳтар намудани фаъолияти ташкилотҳои истихроҷкунанда ва коркарди ангишт, таъмини бехатарии корҳо дар соҳа равона шудаанд.

Дар ин замина, тибқи талаботи қисмҳои 1, 8, 9, 11 ва 13-уми қонуни мазкур пешниҳод мешавад, ки аз матни моддаҳои 1, 9, 11 ва 20-уми қонуни амалкунанда баъзе калимаҳо хориҷ ва истилоҳу калимаҳои муайян бо мақсади ба имлои забони давлатӣ ва техникаи ҳуқуқэҷоднамоӣ мутобиқ намуданашон иваз шудааст.

Боиси зикр аст, ки бо тағйироти воридгардида ба сархати шашуми қисми 1 моддаи 7 минбаъд дар қатори кормандони соҳаи ангишт аъзои оилаи кормандони фавтида низ аз аз кумакҳои иҷтимоӣ бархӯрдор мешаванд.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ буда, хоҳишмандам онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ангишт» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ мекунем. Сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ Раҳимӣ Фарҳод дода мешавад. Марҳамат.

(Давомаш дар саҳ. 5)



# БА ДУ ҚАРОРИ ТАСДИҚИ РАМЗҲОИ ДАВЛАТӢ ТАҒЙИРОТУ ИЛОВА ВОРИД ГАРДИД

(Идома аз саҳ. 1)

**2. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 марти соли 2007, №499»**

**3. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 марти соли 2007, №500»**

**4. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ»**

**5. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама».**

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар хусуси Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар оид ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата ва пешгирӣ намудани саркашӣ аз супоридани андозҳо аз даромад ва сармоя» шурӯъ мекунем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода дода мешавад. Марҳамат.

**Файзиддин ҚАҲҲОРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар оид ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата ва пешгирӣ намудани саркашӣ аз супоридани



андозҳо аз даромад ва сармоя пешниҳод мегардад. Созишномаи мазкур тибқи расмиёти муқарраршуда бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 феврали соли 2017, №51 маъқул дониста шуда, 22 – юми январи соли 2024 дар доираи сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Давлати Қатар дар шаҳри Давҳа ба имзо расидааст. Ҳадаф аз баимзорасонии созишномаи мазкур пешгирии ҳолатҳои андозбандии дукаратаи фаъолияти андозсупорандагони ҳар ду давлати аҳдкунанда, беҳтар намудани фазои мусоиди сармоягузорӣ, ҳамзамон, зиёд намудани гардиши савдои хориҷӣ байни кишварҳо ба ҳисоб меравад. Созишномаи зикргардида дар доираи модели нави Конвенсияи байналмилалӣ нисбат ба андозҳо аз даромад ва сармоя (OECD) таҳия гардида, ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мутобиқат менамояд. Хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қарори пешниҳодшударо ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Фозил Обидзода дода мешавад. Марҳамат.

**Фозил ОБИДЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар оид ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата ва пешгирӣ намудани саркашӣ аз супоридани андозҳо аз даромад ва сармоя 22 – юми январи соли 2024 дар шаҳри Давҳа ба имзо расида, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст. Мақсад аз қабули созишномаи мазкур беҳтар намудани фазои мусоиди сармоягузорӣ, афзун гардондани гардиши савдои байнидавлатӣ, бартараф намудани андозбандии дукарата нисбат ба фаъолияти резидентҳои ҳар ду давлати аҳдкунанда, зиёдшавии сармояи хориҷӣ ва таъсисёбии корхонаҳои нави муштарак байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар мебошад.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон созишномаи мазкурро мавриди баррасӣ қарор дода, бо пешниҳоди хулосаҳо онро ҷонибдорӣ намуданд. Созишномаи мазкур ба моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Хоҳиш менамоям, ки созишномаи мазкурро ҷонибдорӣ намуда, барои тасдиқи он овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар оид ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата ва пешгирӣ намудани саркашӣ аз супоридани андозҳо аз даромад ва сармоя» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 марти соли 2007, № 499» оғоз менамоем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Музаффар Ашуриён дода мешавад. Марҳамат.

**Музаффар АШУРИЁН:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади мушаххас будан ва ҷобаҷогузории дақиқи унсурҳои таркибӣ, ранг ва дигар хусусиятҳои фарқкунандаи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 марти соли 2007, №499» -ро таҳия намуд.

(Давомаш дар саҳ. 6)

# ҚОНУНҲО ҶОНИБДОРӢ ВА НОМИ ЧАНД МАҲАЛИ АҲОЛИНИШИН ИВАЗ ШУДАНД

(Идома аз саҳ. 4)

**Фарҳод РАҲИМӢ:**

- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби истифодаи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби узви Маҷлиси миллӣ М. Шукурзода ва вакилони Маҷлиси намояндагон М. Шерализода, М. Абдусаломзода, К. Исмоилиён, З. Гулаҳмадзода пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 17 - уми апрели соли 2024 қабул намудааст.

Мақсад аз қабул намудани қонуни мазкур, мутобиқ намудани меъёрҳои он ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», аз байн бардоштани ихтилофоти қонунгузорӣ, инчунин, мутобиқ намудани он ба талаботи имлои забони тоҷикӣ мебошад.



Муқаддимаи қонун дар таҳрири нав ифода ёфта, тибқи он, вазъи ҳуқуқӣ, тасвир ва тартиби истифодаи расмии рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим гардидааст.

Мутобиқи моддаи 1-уми қонуни мазкур рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Парчам ва Нишони давлатӣ, Суруди Миллӣ мебошанд, ки ҳифз ва эҳтироми онҳо, аз ҷумла аз ёд донистани Суруди Миллӣ, ифтихори ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дар ҳама ҳолат ба рамзҳои давлатӣ бояд тавре муносибат намуд, ки нисбат ба онҳо беҳурматӣ зоҳир нагардад. Ҳамзамон, ба моддаи 6 сархати шашум ва ба қисми 1 моддаи 8 сархати даҳум илова гардидаанд, ки тибқи онҳо, дар либос ва дигар лавозимоти варзишӣ ҳангоми иштирок намудан дар мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалии варзишӣ ҷойгир кардани тасвири Парчам ва Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидааст.

Инчунин, дар моддаҳои 5, 6, 8 ва 10 баъзе калимаҳо иваз ва ё хориҷ шудаанд, ки бештар хусусияти муайянкунанда, мутобиқкунанда ва таҳрирӣ доранд.

Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ буда, хоҳишмандам онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» оғоз менамоем. Сухан ба Раҳимӣ Фарҳод дода мешавад. Марҳамат.

**Фарҳод РАҲИМӢ:**

- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» бо тартиби истифодаи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 11- уми апрели соли 2024 қабул намудааст.

Мақсади қабули қонуни мазкур тақвияти иштироки ҳизбҳои сиёсӣ дар ҳаёти сиёсии ҷомеа ва шаффофияти фаъолияти онҳо буда, ҳамзамон, муқаррарот вобаста ба маблағгузории ҳизбҳои сиёсӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ пешбинӣ гардидааст.

Дар робита ба ин, аз сархати якуми қисми дуюми моддаи 10 калимаи «(Сарқонуни)» хориҷ карда шуда, ба моддаи 15 сархати якум илова гардидааст, ки тибқи он, маблағгузории ҳизбҳои сиёсӣ аз буҷети давлатӣ дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонуни мазкур амалӣ мегардад. Ҳамзамон, ба қонун моддаи 15[1], ки меъёрро вобаста ба маблағгузории ҳизбҳои сиёсӣ аз буҷети давлатӣ пешбинӣ менамояд, илова гардидааст.

Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ буда, хоҳишмандам онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон» оғоз менамоем. Сухан ба Раҳимӣ Фарҳод дода мешавад. Марҳамат.

**Фарҳод РАҲИМӢ:**

- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон» бо тартиби истифодаи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби узви Маҷлиси миллӣ З. Шоҳиён ва вакилони Маҷлиси намояндагон Ф. Идизода, Ш. Ҳакимзода, З. Файзуллозода, Ғ. Азиззода, М. Шодиён, З. Сафарзода пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 11-уми апрели соли 2024 қабул намудааст.

Мақсади қабули қонуни мазкур аз мутобиқ намудани меъёрҳои он ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», талаботи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва бартараф намудани мухолифату норасоиҳои ҷойдошта иборат буда, бо ин васила ба муқаддимаи қонун пеш аз калимаи «муайян» калимаҳои «ва ташкилотҳои дигар», дар моддаи 6 сархати ҳафтум пеш аз калимаҳои «бо хадамоти» калимаи «якҷо» илова, инчунин, аз матни моддаи 2 калимаи «(Сарқонуни)» ва дар қисми 3 моддаи 11 калимаи «ихтиёри» хориҷ карда шудаанд.

Илова бар ин, дар матни қонун, дар моддаҳои 1, 2, 5, 6, 10-12, ҷиҳати мушаххасу саҳеҳ гардондани меъёрҳо ба талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ баъзе калимаву ибораҳо иваз гардидаанд, ки бештар хусусияти мутобиққунанда ва имлоиро доранд.

Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ буда, хоҳишмандам онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истифода ва ҳимояи аломату номҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ мекунем. Сухан ба Раҳимӣ Фарҳод дода мешавад. Марҳамат.

**Фарҳод РАҲИМӢ:**

- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истифода ва ҳимояи аломату номҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби истифодаи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби узви Маҷлиси миллӣ Ҳ. Дӯстзода ва вакилони Маҷлиси намояндагон Ф. Идизода, Ш. Ҳакимзода, З. Файзуллозода, Ғ. Азиззода, М. Шодиён, З. Сафарзода пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 11 - уми апрели соли 2024 қабул намудааст.

Мақсад аз қабул намудани қонуни мазкур мутобиқ намудани меъёрҳои он ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз байн бардоштани ихтилофоти қонунгузорӣ, инчунин, мутобиқ намудани он ба талаботи имлои забони тоҷикӣ буда, дар робита ба ин, дар матни қонун, қисми якуми моддаи 5, қисми чоруми моддаи 6, қисми якуми моддаи 7, матни моддаи 8, қисми ҳафтуми моддаи 9 ва матни моддаи 15 баъзе калимаву ибораҳо барои ҷиҳати мутобиқгардонии онҳо ба талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ иваз гардидаанд.

Инчунин, ба матни моддаи 11 -уми қонун пеш аз калимаи «шаҳодатнома» калимаҳои «бо худ» илова шуда, моддаи 2 ва қисми дуюми моддаи 17 дар таҳрири нав ифода гардидаанд, ки мутобиқи онҳо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи истифода ва ҳимояи аломату номҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат буда, ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи қонуни мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарӣ пешбинӣ гардидааст.

Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ буда, хоҳишмандам онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истифода ва ҳимояи аломату номҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иваз намудани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд» оғоз менамоем. Сухан ба Раҳимӣ Фарҳод дода мешавад. Марҳамат.

**Фарҳод РАҲИМӢ:**

- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумита Пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иваз намудани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд»-ро мавриди баррасӣ қарор дод.

Бо пешниҳоди мазкури Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди Маҷлиси вакилони халқи вилояти Суғд оид ба иваз намудани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини шаҳрҳои Истаравшан, Панҷакент ва ноҳияи Ашти вилояти Суғд ҷонибдорӣ шудааст.

Зарурати иваз намудани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд, пеш аз ҳама, мутобиқнамоӣ ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» буда, маводи зарурӣ тибқи номгӯи ҳуҷҷатҳо оид ба ҳалли масъалаҳои сохти маъмурию ҳудудӣ аз ҷониби Маҷлиси вакилони халқи вилояти Суғд пешниҳод шудаанд.

Хоҳишмандам онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иваз намудани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ба категорияи деҳа мансуб донистани маҳали аҳолинишини Дашти Хорзори деҳоти ба номи Садриддин Айнии ноҳияи Варзоб ва иваз намудани номи он, инчунин, иваз намудани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Варзоб» оғоз менамоем. Сухан ба Раҳимӣ Фарҳод дода мешавад. Марҳамат.

**Фарҳод РАҲИМӢ:**

- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумита Пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ба категорияи деҳа мансуб донистани маҳали аҳолинишини Дашти Хорзори деҳоти ба номи Садриддин Айнии ноҳияи Варзоб ва иваз намудани номи он, инчунин, иваз намудани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Варзоб»-ро мавриди баррасӣ қарор дод.

Бо пешниҳоди мазкури Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Варзоб дар бораи ба категорияи деҳа мансуб донистани маҳали аҳолинишини Дашти Хорзори деҳоти ба номи Садриддин Айнии ноҳияи Варзоб ва иваз намудани номи он ба деҳаи Некобод, инчунин, иваз намудани номи деҳаи Тошбулоқ ба деҳаи Наврӯзчашма, деҳаи Пурзабад ба деҳаи Пурзавот, деҳаи Бегар ба деҳаи Беғар ва деҳаи Косатароши поён ба деҳаи Косатароши Пойин ҷонибдорӣ шудааст.

Зарурати иваз намудани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Варзоб, пеш аз ҳама, мутобиқнамоӣ ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» буда, маводи зарурӣ тибқи номгӯи ҳуҷҷатҳо оид ба ҳалли масъалаҳои сохти маъмурию ҳудудӣ аз ҷониби Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Варзоб пешниҳод шудаанд. Хоҳишмандам онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ба категорияи деҳа мансуб донистани маҳали аҳолинишини Дашти Хорзори деҳоти ба номи Садриддин Айнии ноҳияи Варзоб ва иваз намудани номи он, инчунин, иваз намудани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Варзоб» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ба категорияи деҳа мансуб донистани маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Файзобод ва номгузорӣ намудани онҳо, инчунин, иваз намудани номи баъзе воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ва маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Файзобод» шурӯъ мекунем. Сухан ба Раҳимӣ Фарҳод дода мешавад. Марҳамат.

**Фарҳод РАҲИМӢ:**

- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи мо Пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешниҳоди Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Файзобод дар бораи ба категорияи деҳа мансуб донистани маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Файзобод ва номгузорӣ намудани онҳо, инчунин, иваз намудани номи баъзе воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ва маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Файзобод»-ро мавриди баррасӣ қарор дод.

Бо пешниҳоди мазкури Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Файзобод дар бораи ба категорияи деҳа мансуб донистан ва номгузорӣ намудани маҳали аҳолинишини Оби Файзободи деҳоти Меҳробод ба деҳаи Оби Шифо, маҳали аҳолинишини Дараи аловаки деҳоти Ҷавонон ба деҳаи Дӯстӣ, маҳали аҳолинишини ҳудуди деҳаи Кӯлобиёни деҳоти Чашмасор ба деҳаи Истиқлол ва маҳали аҳолинишини ҳудуди деҳаи Тахтиалифи деҳоти Чашмасор ба деҳаи Меҳргон, инчунин, иваз намудани номи деҳоти Вашгирд ба деҳоти Баҳор, шаҳраки Файзобод ба шаҳраки Вашгирд, деҳаи Қанғелии деҳоти ба номи Дӯстмурод Алиев ба деҳаи Зарнисор, деҳаи Ҷавонони деҳоти Ҷавонон ба деҳаи Хуҷамард ҷонибдорӣ шудааст.

Зарурати иваз намудани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Файзобод, пеш аз ҳама, мутобиқнамоӣ ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» буда, маводи зарурӣ тибқи номгӯи ҳуҷҷатҳо оид ба ҳалли масъалаҳои сохти маъмурию ҳудудӣ аз ҷониби Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Файзобод пешниҳод шудааст. Хоҳишмандам онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ба категорияи деҳа мансуб донистани маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Файзобод ва номгузорӣ намудани онҳо, инчунин, иваз намудани номи баъзе воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ва маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Файзобод» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Тибқи талаботи банди 103 Дастури Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, котиботи иҷлосия оид ба рафти кори иҷлосия, мурофиатҳо ва ҳуҷҷатҳои ба унвони Иҷлосияи ҳаждаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум воридшуда маълумот манзур менамояд. Доир ба ин масъала сухан ба раиси котибот Шоиддинов Фазлиддин дода мешавад. Марҳамат.

**Фазлиддин ШОИДДИНОВ:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Унвонии Иҷлосияи ҳаждаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум мурофиат, ариза, дархост ворид нашудааст.

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Масъалаҳои рӯзномаи Иҷлосияи ҳаждаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум баррасӣ шуда, нисбат ба онҳо қарорҳои дахлдор қабул гардиданд.

Доир ба рафти иҷлосия таклифу пешниҳодҳо бошанд, марҳамат, иброз намоед. Нест.

**Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Мову шумо дар остонаи таҷлили боз як санаи барои ҳар як тоҷику тоҷикистонӣ муқаддас - Рӯзи Ваҳдати миллӣ қарор дорем.

27-уми июни соли 1997 пас аз талошҳои панҷсолаи Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Тоҷикистон Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расид, ки нодиртарин дастоварди миллат дар даврони соҳибистиқлолӣ ба ҳисоб меравад, зеро ҳоло таҷрибаи сулҳофарии мардуми тоҷик, ки маҳз тавассути хиради азалӣ, афкори солим ва андешаи сулҳҷӯёна тавонист алангаи оташи ҷанги таҳмилиро хомӯш, давлатро аз нобудӣ ва миллатро аз парокандагӣ наҷот диҳад, аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф ва мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Маҳз бо дарки сулҳу субот ва оромии воқеӣ заминаҳои давлатдории миллӣ ва пойдевори мустаҳками истиқлоли воқеӣ гузошта шуда, ба марҳилаи нави равандӣ эъмори ҷомеаи шаҳрвандӣ ва рушди устувори иқтисодии кишвар оғоз бахшида шуд. Мо бояд хуб дарк намоем, ки истиқлолу озодӣ ва сулҳу ваҳдат азизтарин неъматҳои дунё, рукнҳои асосии давлатдорӣ ва кафили зиндагии шоистаи ҳар як фарди хушбахту соҳибватан мебошад.

Ваҳдати миллӣ барои мардуми мо дар баробари истиқлолият неъмати бебаҳо ва муқаддас мебошад ва мову шумо дар ҳамбастагӣ бо шаҳрвандони бонангу номуси кишвар бояд ин неъматро чун гавҳараки чашм ҳифз намоем.

Рӯзи Ваҳдати миллиро ба ҳар яки шумо табрик гуфта, ба шумо саломатӣ, хонаи ободу осуда ва барои Тоҷикистонамон сулҳи ҷовидонаю ояндаи дурахшон таманно дорам!

Бо ҳамин Иҷлосияи ҳаждаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро пӯшида эълон менамоям.

(*Суруди Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон садо медиҳад).*

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

# БА ДУ ҚАРОРИ ТАСДИҚИ РАМЗҲОИ ДАВЛАТӢ ТАҒЙИРОТУ ИЛОВА ВОРИД ГАРДИД

(Идома аз саҳ. 5)

Бояд зикр кард, ки тартиби тайёр кардан, андоза ва истифодаи тасвири Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14-уми марти соли 2007, №499 «Дар хусуси тасдиқи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри соли 2011, №659 «Дар бораи тасдиқи тартиби тайёр кардани Парчам ва Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» муайян гардида, тасвири воқеии Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин санадҳо пешбинӣ нашудааст. Бинобар ин, бо мақсади аз байн бурдани гуногунфаҳмӣ, пешгирии тарзи истифодаи нодурусти Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушаххас будан ва ҷобаҷогузории дақиқи унсурҳои таркибии он, ранг ва дигар хусусиятҳои фарқкунандаи тасвири Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқан дар замимаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 марти соли 2007, №499» пешбинӣ мешавад. Лоиҳаи қарори мазкур ба Конститутсияи ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ буда, аз буҷети давлатӣ дар робита ба иҷро шудани муқаррароти пешбинигардида харҷоти иловагиро талаб намекунад. Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки онро дастгирӣ намоед.



**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ Муҳаммад Шодиён дода мешавад. Марҳамат.

**Муҳаммад ШОДИЁН:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 марти соли 2007, №499» дар хусуси тасдиқи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Мутобиқи Қарори Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 июни соли 2024, №2257 лоиҳаи қарори мазкур ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ барои баррасӣ, ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои додани хулоса ва ба раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешниҳоди хулосаи ҳуқуқӣ супорида шуда буд. Тибқи лоиҳаи пешниҳодгардида, ҷиҳати такмил ба қарори мазкур банди 1 илова карда шуда, банди 1 банди 1¹ ҳисобида мешавад ва қисми муқаддимавии он дар таҳрири нав ифода мегардад.

Лоиҳаи қарори зикршуда аз тарафи кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдорӣ гардида, ҳамзамон, аз ҷониби раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 4 таклиф пешниҳод шуд, ки онҳо қабул гардиданд.

Лоиҳаи қарори такмилёфта дар ҷаласаи васеи Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ 11 июни соли 2024 муҳокима гардида, ҷонибдорӣ ёфт. Лоиҳаи қарори мазкур ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ буда, амалишавии он аз буҷети давлатӣ маблағи иловагиро талаб намекунад. Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, лоиҳаи қарори мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 марти соли 2007, № 499» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 марти соли 2007, №500» шурӯъ мекунем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Музаффар Ашуриён дода мешавад. Марҳамат.

**Музаффар АШуРИЁН:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади мушаххас будан ва ҷобаҷогузории дақиқи унсурҳои таркибӣ, ранг ва дигар хусусиятҳои фарқкунандаи Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 марта соли 2007, №500»-ро таҳия намуд.

Бояд зикр кард, ки тартиби тайёр кардан, андоза ва истифодаи тасвири Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14-уми марти соли 2007, №500 «Дар хусуси тасдиқи Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри соли 2011, №659 «Дар бораи тасдиқи тартиби тайёр кардани Парчам ва Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» муайян гардида, тасвири воқеии Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин санадҳо пешбинӣ нашудааст. Бинобар ин, бо мақсади аз байн бурдани гуногунфаҳмӣ, пешгирии тарзи истифодаи нодурусти Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушаххас будан ва ҷобаҷогузории дақиқи унсурҳои таркибии он, ранг ва дигар хусусиятҳои фарқкунандаи тасвири Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқан дар замимаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 - уми марти соли 2007, №500» пешбинӣ мешавад.

Лоиҳаи қарори мазкур ба Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ буда, аз буҷети давлатӣ дар робита ба иҷро шудани муқаррароти пешбинигардида харҷоти иловагиро талаб намекунад. Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки онро дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ Муҳаммад Шодиён дода мешавад. Марҳамат.

**Муҳаммад ШОДИЁН:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 марти соли 2007, №500» дар хусуси тасдиқи Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Мутобиқи Қарори Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 июни соли 2024, №2258 лоиҳаи қарори мазкур ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ барои баррасӣ, ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои додани хулоса ва ба раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешниҳоди хулосаи ҳуқуқӣ супорида шуда буд.

Тибқи лоиҳаи пешниҳодгардида, ҷиҳати такмил ба қарори мазкур банди 1 илова карда шуда, банди 1 банди 1¹ ҳисобида мешавад ва қисми муқаддимавии он дар таҳрири нав ифода мегардад.

Лоиҳаи қарори зикршуда аз тарафи кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдорӣ гардида, ҳамзамон, аз ҷониби раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати такмили он 4 таклиф пешниҳод шуд, ки онҳо қабул гардиданд.

Лоиҳаи қарори мазкур ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ буда, амалишавии он аз буҷети давлатӣ маблағгузории иловагиро талаб наменамояд. Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, лоиҳаи қарори мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 марти соли 2007, №500» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ва иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» оғоз менамоем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон Парвина Маликзод дода мешавад. Марҳамат.

**Парвина МАЛИКЗОД:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ва иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Н. Содиқӣ, Ғ. Шарифзода ва М. Абдусаломзода таҳия гардида, барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» хусусияти мантиқӣ, таҳрирӣ, муайянкунанда ва танзимкунанда дошта, бо онҳо, моддаҳои 1, 2, 5, 6, 7, 8, 14, 16, 19, 27, 28, 29, 33¹ ва 34 ба нақша гирифта шудааст.

Қисми 1 лоиҳаи қонуни мазкур хусусияти танзимнамоӣ ва муайянкунанда дошта, бо мақсади мутобиқ намудани ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ ва танзими муносибатҳои нави ҷамъиятӣ дар соҳаи сайёҳӣ пешниҳод мегардад. Қайд намудан бамаврид аст, ки қонун ҳамчун ҳуҷҷати ҳуқуқӣ бояд дорои мазмуни ғанӣ, аз лиҳози забонӣ саҳеҳ ва дар матни он қоидаҳои грамматикӣ ва услубӣ риоя карда шаванд.

Қисмҳои 4, 5, 6, 7, 8, 10, 11, 12, 13 ва 14-уми лоиҳаи қонуни мазкур хусусияти муайянкунада ва танзимкунанда дошта, барои муайян намудани хизматрасониҳои сайёҳӣ, ҳамоҳангсозии субъектони соҳаи сайёҳӣ бо мақомоти ваколатдори давлатӣ, амалӣ намудани назорати давлатӣ ва танзими ҳуқуқии фаъолият дар соҳаи сайёҳӣ равона шудааст.

Муносибатҳои ҷамъиятӣ пайваста тағйир ёфта, дар ин замина ба муносибатҳои нав мутобиқ гардондани қонунҳо шарти асосии таъмин намудани рушди устувори сиёсӣ ва иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии кишвар мебошад. Бо ин васила, қисмҳои 13 ва 14- уми лоиҳаи қонун ҷиҳати танзими ҳуқуқии фаъолияти турператорҳо, турагентҳо ва кластерҳои сайёҳӣ, ки муносибатҳои нав дар ҷомеа ба ҳисоб мераванд ва бо мақсади муайян намудани ҳуқуқу уҳдадориҳои онҳо, ҳамоҳангсозии фаъолияти онҳо бо субъектони соҳаи сайёҳӣ ва мақоми ваколатдори давлатӣ пешниҳод мегардад.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо мақомоти дахлдори соҳа мувофиқа шуда, аз буҷети давлатӣ маблағи иловагиро талаб наменамояд. Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба раиси Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Камолиддин Мӯминзод дода мешавад. Марҳамат.

**Камолиддин МӮМИНЗОД:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Барои дастгирии доимӣ дар таҳкими заминаи ҳуқуқии соҳаи сайёҳӣ миннатдории худро баён намоем.

Мероси бойи таърихию фарҳангии Тоҷикистон, табиати нодири он бо кӯҳҳои баланд, пиряххои азим, обҳои шифобахш, кӯлу дарёҳои мусаффо, ҳайвоноту растаниҳои нодир, инчунин, урфу анъанаҳои мардумӣ заминаи муҳими рушди соҳаи сайёҳӣ ба ҳисоб рафта, соҳаи мазкур ба сифати манбаи боэътимоди рушди иқтисодиёти миллӣ арзёбӣ мегардад. Рушди соҳаи сайёҳӣ, ҳамчунин, ба сифати яке аз сарчашмаҳои даромади аҳолӣ, ғанигардонии буҷети давлат ва ташкили ҷойҳои нави корӣ, аз ҷумла ҷалби сармоягузориҳо дар рушди иқтисодиву иҷтимоӣ, саҳми назаррасро ихтисос намудааст. Бо назардошти аҳамияти ин соҳаи калидӣ дар рушди иқтисодиёту иҷтимоиёти кишвар, он ҳамчун самти афзалиятнок рушд дар «Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030» дарҷ гардида, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамасола дар Паёмҳояшон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба вусъат бахшидани сиёсати давлатӣ дар ин самти стратегӣ ба сохтору мақомоти марбута дастуру супоришҳо медиҳанд.

Масъалаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» аз тамоюли кунунии раванди ҷаҳонии сайёҳӣ ва рақобати шадиде, ки дар минтақа ба вуҷуд омадааст, сарчашма мегирад, ки таҳкими тавонмандиҳои институтсионалӣ, ташкилӣ ва ҳуқуқии соҳаро ҳамчун манбаи боэътимоди иқтисоди миллӣ талаб мекунад. Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» мутобиқ ба талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо мақсади такмили қонунгузорӣ ва танзими меъёрию ҳуқуқии фаъолият дар соҳаи сайёҳӣ бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва пешниҳод гардидааст. Лоиҳаи қонуни мазкур аз 14 қисм иборат буда, қисмҳои 1,4,5,6,7,8 ва 11 бо мақсади танзими фаъолияти субъектони соҳаи сайёҳӣ ва субъектони хизматрасонии соҳаи сайёҳӣ пешниҳод гардидааст. Қисмҳои 2 ва 9-уми лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади мутобиқ намудани матни қонуни амалкунанда бо қоидаҳои грамматикӣ ва услуби забони давлатӣ таҳия гардидааст.

Қисми 3 - и пешниҳодгардида ба принсипҳои давлатӣ дар соҳаи сайёҳӣ мансуб буда, дар ҳолати қабул гардидани меъёри мазкур самти танзими ҳуқуқии мақоми ваколатдор дар соҳаи сайёҳӣ боз ҳам шаффоф мегардад.

Қисмҳои 10,12,13, ва 14-уми лоиҳаи қонун ҷиҳати паҳнкунӣ ва фурӯши бастаи сайёҳӣ, амалӣ намудани хизматрасониҳои сайёҳӣ, баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва сифати хизматрасонии сайёҳӣ ва омода кардани кадрҳои баландихтисос дар соҳаи сайёҳӣ пешниҳод гардидааст.

Бо қабул гардидани қонуни мазкур боз ҳам соҳаи сайёҳӣ дар ҷумҳурӣ рушд карда, шароитро ҷиҳати таъмини заминаҳои ҳуқуқии шаҳрвандон фароҳам меорад ва бо ин васила, сатҳи зиндагонии мардум беҳтар гардида, рушди дигар соҳаҳои хизматрасониву истеҳсолӣ низ таъмин мешавад. Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки ба тарафдории қабули он овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» шурӯъ мекунем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот Муҷибахон Ҷавҳарӣ дода мешавад. Марҳамат.

**Муҷибахон ҶАВҲАРӢ:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. Гулзода, М. Умарализода, Л. Одилбекова ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон К. Исмоилиён ва М. Ахмедов таҳия гардида, барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.



Лоиҳаи қонуни мазкур бо Қарори Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми январи соли 2024, №1985 барои баррасӣ ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот ва барои додани хулоса ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамзамон, барои пешниҳоди хулосаи ҳуқуқӣ ба раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони мансур гардида буд.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади танзими меъёрҳои танзимкунандаи соҳаи реклама, ба ҳам мутобиқ ва мукаммал намудани меъёрҳо, инчунин, мутобиқгардонии қонуни амалкунанда ба талаботи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», «Дар бораи маҳдуд намудани истифодаи маҳсулоти тамоку» ва гурӯҳбандии ғизои кӯдакон мутобиқи тавсияҳои Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ таҳия ва пешниҳод шудааст.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни мазкурро дар умум ҷонибдорӣ намуданд.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат надошта, амалӣ шудани он аз буҷети давлатӣ маблағи иловагиро талаб наменамояд. Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** **- Вакилони муҳтарам, ҳозирини гиромӣ!**

Масъалаҳое, ки ба рӯзномаи ҷаласа пешбинӣ гардида буданд, баррасӣ шуданд. Доир ба рафти ҷаласа эроду пешниҳод ҳаст? Нест.

Барои иштироки фаъолона миннатдорӣ намуда, ҷаласаро пӯшида эълон менамоям.

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ, «Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

# МУҲОКИМАИ ПАРЛУМОНӢ

## ОИД БА РАФТИ ИҶРОИ ҚОНУНИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ МАҚОМОТИ МАҲАЛЛИИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ»



**20-уми июни соли 2024 дар Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ роҷеъ ба рафти иҷрои Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» муҳокимаи парлумонӣ баргузор гардид.**

Аз рӯи масъалаи зикршуда вакили Маҷлиси намояндагон Ғайрат Азиззода иброз намуд, ки парлумони касбӣ дар таърихи навини давлатдорӣ яке аз шохаҳои муҳими ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб рафта, дар рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсию фарҳангии Тоҷикистон туфайли қабули қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир ва такмилу таҳкими заминаҳои ҳуқуқӣ саҳми бориз дорад. Фаъолияти ин ниҳоди олии қонунгузор вобаста ба дигар шудани муносибатҳои ҷамъиятӣ мутобиқ шуда, барои танзими муносибатҳо дар ҳама самтҳои хоҷагии халқи кишвар ҷиҳати расидан ба ҳадафи олии сиёсати давлат - таъмини сатҳи шоистаи зиндагӣ мусоидат менамояд.

Зикр шуд, ки Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» 17 майи соли 2004 қабул гардида, тартиби ташкил, ваколат ва фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатиро танзим мекунад. Қонуни конститутсионии мазкур аз 5 боб ва 41 модда иборат буда, ба он 11 маротиба тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд.

Аз риояи қонуни конститутсионии мазкур тараққиёти иҷтимоӣ ва иқтисодии маҳал, аз ҷумла буҷет, молия, идораи амволи давлатӣ, истифодаи оқилонаи замин, сохтмон, фарҳанг, умуман, тамоми соҳаҳо, вобастагӣ доранд.

Дар робита ба ин вакилон дар мақомоти давлатии дахлдор суҳбат гузарониданд. Натиҷаҳо нишон доданд, ки иҷрои ин қонуни конститутсионӣ баъзе мушкилиҳо дорад. Аз ҷумла, ихтилофи марказ ва маҳал. Таъкид шуд, ки мушкилиҳои ҷойдошта танҳо дар ҳамбастагии Парламент бо мақомоти давлатии дахлдор бартараф мешаванд.

Ҳамчунин, таъкид гардид, ки амалӣ гаштани пешниҳодҳои вакилон ба фаъолияти самаранок ва бонизоми мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ва мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот, мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ мусоидат хоҳад намуд. Ҷиҳати фаъолияти самараноки мақомоти маҳаллӣ зарур аст, ки ба қонунҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироти зарурӣ ворид карда шаванд.

Дар чорабинӣ, ҳамчунин, муовини раиси Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Наҷмиддин Давлатзода, муовини раиси Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мирзовалӣ Сафармаҳмадзода, муовини директори генералии Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» Раҷабалӣ Расулзода ва сардори раёсати таҳсилоти миёнаи умумии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Шарофиддин Асомиддинзода маърӯза намуданд.

Дар интиҳо қарор ва тавсияҳои парлумонӣ қабул гардид.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи МНМО ҶТ.**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**



# ХОҶАГИҲОИ ДЕҲҚОНӢ СОҲИБИ ТЕХНИКАВУ ТАҶҲИЗОТИ НАВ ШУДАНД

**Бо дастгирии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хоҷагиҳои деҳқонии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бо техникаву таҷҳизоти нави кишоварзӣ таъмин шуданд.**

Тавре аз бахши таҳлилию иттилоотии дастгоҳи раиси вилоят хабар доданд, барои хоҷагиҳои деҳқонии ноҳияҳои Дарвоз, Ванҷ, Рӯшон, Роштқалъа, Ишкошим ва Шуғнон 19 мотоблок ва ду трактор бо таҷҳизоти зарурӣ тақдим гардида, дарояндаи наздик чунин техникаю таҷҳизоти зарурӣ ба дигар хоҷагиҳои вилоят низ дастрас хоҳад шуд.

Дар маросими тақдими техникаву таҷҳизот раиси вилоят Мирзонабот Алишер таъкид кард, ки ин иқдом идомаи мантиқии таваҷҷуҳи роҳбарияти мамлакат ба соҳаи кишоварзӣ аст ва техникаву таҷҳизот бояд дар ҳолати хуб нигоҳдорӣ шаванд.

Дар навбати худ деҳқонон ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳори миннатдорӣ намуданд.

**М. ИМОМНАЗАР, «Садои мардум»**

# 307 ИНШООТ АРМУҒОНИ ҶАШНИИ СОХТМОНЧИЁН



**Бо дастгириҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳаи сохтмон дар ҷумҳурӣ, аз ҷумла дар ноҳияи Рашт, рушд ёфта, ҳар сол даҳҳо иншоот ба истифода дода мешавад.**

Раиси ноҳия Зарина Идизода гуфт, ки бинокорон дар ободу зебо гардондани ноҳия саҳми назаррас доранд. Натиҷаи ин аст, ки даврони соҳибистиқлолии кишвар дар ноҳия садҳо мактаб, боғчаи кӯдакон, маркази саломатӣ бунёд гардид.

Бахшида ба Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтани 307 иншооти гуногуни соҳаҳои хоҷагии халқ дар назар мебошад. Аз ҷумла, ба соҳаи маориф 39 иншоот, тандурустӣ -15, фарҳанг -10, варзиш- 34 ва ба соҳаи савдо ва хизматрасонӣ 69 иншоот тааллуқ дорад. Боқимонда 17 лоиҳаи коргоҳу корхонаҳои истеҳсолӣ, 2 бинои маъмурӣ, 2 бинои истиқоматӣ, 18 лоиҳаи таъмир ва мумфарш кардани роҳҳо, 36 хати оби нӯшокӣ ва чоҳи амудӣ, 6 иншооти соҳаи сайёҳӣ, 7 ҳавзи моҳипарварӣ, 3 фермаи мурғпарварӣ, фермаи чорводорӣ, 2 сардхона ва 33 иншооти дигари соҳаи хизматрсонӣ мебошанд. Аз ин шумора 129 иншоот мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифта, дар 146 иншооти дигар корҳои сохтмонӣ идома доранд.

# МУЪМИНОБОД.
## СОҲИБКОРОНИ МАҲАЛЛӢ ПУЛ БУНЁД КАРДАНД



**Соҳибкорон ва саховатпешагони ноҳияи Муъминобод ҷиҳати дар сатҳи баланд пешвоз гирифтани Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ саҳми арзанда доранд. Аз ҷумла, чанде пеш дар сойи Хоҷаҳақиқӣ, воқеъ дар назди бозори маркази ноҳия, пули мошингузар бо дарозии 13 метр ва паҳноии 8 метр ба истифода дода шуд, ки иқтидори вазнбардориаш 60 тоннаро ташкил медиҳад.**

Тавре сардори муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳияи Муъминобод Бобоёр Бобоёрзода иттилоъ дод, пули мазкур деҳаи Деҳлолоро бо маркази ноҳия мепайвандад.

Дар корҳои сохтмонӣ 15 сокини маҳаллӣ ҷалб гардиданд.

**И. РАҶАБАЛӢ, «Садои мардум»**

# ТОҶИКОБОД.
## КИШТИ КАРТОШКА ИДОМА ДОРАД



**Дар ноҳияи Тоҷикобод сол ба сол масоҳати картошказор аз ҳисоби заминҳои бекорхобида васеъ мегардад. Солҳои охир картошкапарварони ноҳия бо техникаҳои ҳозиразамон таъмин гардида, аз дигар ноҳияҳои мамлакат, ки ба картошкапарварӣ машғуланд, беҳтарин навъи тухмӣ оварда мешавад.**

- Аз таҷриба медонем, ки дар ноҳияи мо барои кишти картошка ҳоло фурсат ҳаст. Бо итминони комил гуфта метавонам, ки имсол низ мисли солҳои пешин картошкапарварони мо ҳосили хуб ба даст меоранд ва дар таъмини амнияти озуқаворииии мамлакат саҳми сазовор мегузоранд, - гуфт дар суҳбат ба хабарнигори рӯзнома сокини деҳаи Сафедмун Мустаони Ваҳҳоб.

**Диловари МИРЗО, «Садои мардум»**

# ИСТЕҲСОЛИ ГАЗ АЗ ПОРУИ ЧОРВО ДАР НОҲИЯИ Б. ҒАФУРОВ

**Шавкат Собитов, истиқоматкунандаи деҳаи Сомғори ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, аз поруи чорвои маҳаллӣ гази табиӣ истеҳсол намуд, ки дар Осиёи Марказӣ нахустин мебошад.**

Маълум шуд, ки гази табиӣ тавассути таҷҳизоти биореактор истеҳсол мешавад. Аниқтараш, дар ҷараёни коркарди поруи бо об омехташуда биогаз тавлид мегардад. Биогази истеҳсолшударо барои пухтани хӯрок ё гарм кардани об истифода бурдан мумкин аст.

Таҷрибаи Шавкат Собитов, ҳамзамон, ба истеҳсоли бионурӣ низ мусоидат мекунад, ки ҳосилхезии заминро дучанд мегардонад. Барои амалӣ намудани таҷрибааш ба Шавкат Собитов Ташкилоти ҷамъиятии «Нексигол-мушовир» кумак кардааст. Ҳоло бо дастгирии ташкилот дар 7 шаҳру ноҳияи мамлакат дастгоҳҳои таҷрибавии истеҳсоли биогаз дастрас ва насб шудааст.

**Мирзоаъзам МАҚСУДОВ, «Садои мардум»**

# ХАТЛОН: «E-KHONISH» ФАЪОЛ ШУД

**Ҷиҳати рақамикунонии соҳаи маориф аввалин маротиба дар вилояти Хатлон барномаи инноватсионии «E-KHONISH» роҳандозӣ гардид.**

Иқдоми мазкур аз ҷониби ташкилоти ҷамъиятии «Ҷуръат» дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №75-и ба номи Муҳаммад Бобиев ва мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятими ноҳияи Ёвон амалӣ шуд. Бо истифода аз барномаи мазкур раванди дарс тавассути дурбинҳо назорат шуда, баҳогузорӣ ва таълим электронӣ сурат мегирад.

Барномаи инноватсионии «E-KHONISH» имкон медиҳад, ки Вазорати маориф ва илм, раёсати маориф, падару модарон ва омӯзгорон аз ҷараёни таълиму тарбияи хонандагон огоҳ гарданд.

Фаъолгардонии ин барномаи инноватсионӣ дар доираи сиёсати маорифпарваронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амалӣ гардида, барои беҳтар намудани сифати таълиму тарбия, гузариш ба таҳсилоти рақамӣ, тағйир додани усулҳои таълим ва ба талаботи давр мутобиқ намудани он мусоидат хоҳад кард.

Аз хадамоти матбуоти раиси вилояти Хатлон иттилоъ доданд, ки дар маросими фаъолгардонии ин барномаи инноватсионӣ раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид худ бевосита иштирок намуда, ба тарбиятгирандагони таълимгоҳ туҳфаҳои хотиравӣ тақдим намуд.

**Сулаймон СУЛТОНОВ, «Садои мардум»**

# ОШЁНИ ХУДШИНОСӢ

**Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносии шаҳри Ҳисор ба шарофати таҷлили 3000-солагии шаҳри Ҳисор бо дастгириҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2015 дар маркази ин шаҳри бостонӣ қомат афрохтааст.**

Дар гӯшаи бостоншиносии осорхона нигораҳоеро метавон дид, ки ҳангоми ковишҳои ҳафриётӣ аз мавзеъҳои таърихии ҳудуди шаҳр пайдо шудаанд. Олоти сангин, маснуоти гуногуни сафолӣ ва заргарӣ зиндагӣ ва ҳунармандии сокинони водии Ҳисорро бозгӯ мекунанд. Ба иттилои роҳнамои осорхона Муҳайёи Қурбон, аз ҳама нигораи нодири ин гӯша табари мисин мебошад, ки таърихи беш аз 5-ҳазорсола дошта, диққати сайёҳон ва меҳмонони осорхонаро бештар ҷалб менамояд.

Гӯшаи этнографӣ, ки бо намоишгоҳи ҳунарҳои мардумӣ оғоз меёбад, диққати ҳар бинандаро ба фарҳанги наҷиби либоспӯшӣ, ҳунарҳои гуногуни мардумӣ, аз қабили кандакорӣ, кундал, чакан ва ашёи рӯзгор, ҷалб менамояд. Намунаи ҳунарҳои мардумӣ ба фазои бино рӯҳи миллӣ бахшидааст. Либосҳои миллии ин гӯша хоси маҳалҳои гуногуни кишваранд.

Гаҳвораи нимшикаста, ҳамон гаҳворае, ки ҳангоми заминларзаи Шарора сабаби зинда мондани ягона тифлак гашта буд, дар гӯшаи хотираҳо аз заминларзаи Ҳисор ҷо шудааст. Он тамошогарон, хоса насли наврасро ба таърихи пурфоҷиаи начандон дури Ҳисор ошно месозад.

Ҳуҷҷатҳо ва аксҳоро, ки лаҳзаҳои муҳими таърих ва рушди шаҳрро нишон медиҳанд, дар гӯшаи ҳуҷҷатҳои таърихӣ ва аксҳо дидан мумкин аст.

Гӯшаи дигаре, ки диққати тамошогарони осорхонаро ба худ ҷалб менамояд, гӯшаи зодагони шуҳратёри Ҳисор - устоди зиндаёд, Қаҳрамони Тоҷикистон, шоири мумтоз Мирзо Турсунзода ва сарояндаи нотакрор Тоҷиддин Муҳиддинов мебошад. М. Қурбон дар бораи Тоҷиддин Муҳиддинов иттилои ҷолиб дод. Соли 1992 зимни сафари ҳунарӣ ба Ҷумҳурии Исломии Эрон пас аз шунидани чанд суруди Тоҷиддин Муҳиддинов Раисҷумҳури ҳамонвақтаи кишвари ҳамзабон Ҳошими Рафсанҷонӣ бо эҳтироми хос аз ҷой бархоста, кафкӯбӣ мекунад. Мефармояд, ки сурудҳои ин сарояндаи мумтозро дар хазинаи тиллоии радиои Эрон нигоҳ доранд. Боре рӯзноманигоре аз ҳунарпешаи машҳури рус Алла Пугачёва мепурсад: «Шумо ба санъати эстрадаи тоҷик чӣ гуна баҳо медиҳед?» Ҳунарманд чунин посух мегӯяд: «Сарояндае, ки суруди «Эй санам»-ро мехонад, хеле овози ҷаззобу ширадор ва гӯшнавоз дошта, ҳунараш беҳамтост».

Дар маҷмӯъ, Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносии шаҳри Ҳисорро метавон ошёни худшиносӣ номид.

**Сайидо НАЗАРОВ, «Садои мардум»**

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронда мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзуи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 422999 | Муассисаи давлатии «Раёсати сохтмон, азнавсозӣ ва таъмири роҳу кӯпрукҳо»-и шаҳри Душанбе» | Сохтмони истгоҳҳои нақлиёти замонавӣ дар хиёбони Бобоҷон Ғафурови шаҳри Душанбе (се адад бо мағоза ва нуҳ адад бе мағоза) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 01.07.2024 09:00:00 |
| 2 | 422927 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Чопи «Барномаи таълимии фанни «Технологияи иттилоотӣ» барои синфҳои 5-11 | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 10.07.2024 15:10:14 |
| 3 | 422976 | Шуъбаи ҳифзи иҷтимоии аҳолии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Молҳои рӯзгордорӣ, масолеҳи бинокорӣ, асбобу анҷоми рӯзгор ва либос | Озмуни кушод | Мол | 53 | 10.07.2024 15:15:55 |
| 4 | 422991 | Шуъбаи ҳифзи иҷтимоии аҳолии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Халта ва ангишт | Озмуни кушод | Мол | 2 | 10.07.2024 15:21:35 |
| 5 | 422970 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Чопи китоби «Инглис тили» синфи 7 (бо забони ӯзбекӣ) | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 10.07.2024 15:35:41 |
| 6 | 422959 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Телпак, фуражка ва зеригиребон | Озмуни кушод | Мол | 3 | 10.07.2024 15:40:56 |
| 7 | 422967 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Чопи китоби «География» синфи 6 (бо забони ӯзбекӣ) | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 10.07.2024 15:50:13 |
| 8 | 422995 | Раёсати Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд | Маводи канселярӣ | Озмуни кушод | Мол | 7 | 10.07.2024 16:01:01 |
| 9 | 422996 | Муассисаи давлатии тандурустии «Маркази клиникавии дерматовенерологӣ»-и вилояти Суғд | Маводи хоҷагидорӣ, таҷҳизоти техникӣ, маводи шӯянда ва курсӣ | Озмуни кушод | Мол | 21 | 10.07.2024 16:02:50 |
| 10 | 422993 | Беморхонаи клиникавии бачагонаи вилояти Суғд | Таҷҳизоти тиббӣ | Озмуни кушод | Мол | 16 | 10.07.2024 16:16:16 |
| 11 | 422994 | Муассисаи давлатии тандурустии таваллудхонаи вилояти Суғд | Таҷҳизоти тиббӣ | Озмуни кушод | Мол | 11 | 10.07.2024 16:16:16 |
| 12 | 422952 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Чопи китоби «Табиатшиносӣ» синфи 3 | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 10.07.2024 16:16:58 |
| 13 | 422966 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Чопи китоби «Инглис тили» синфи 5 (бо забони ӯзбекӣ) | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 10.07.2024 16:20:59 |
| 14 | 422965 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Чопи китоби «Умумий тарих» синфи 5 (бо забони ӯзбекӣ) | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 10.07.2024 16:40:29 |
| 15 | 422963 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Чопи китоби «Табиатшунослик» синфи 3 (бо забони ӯзбекӣ) | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 10.07.2024 16:50:07 |
| 16 | 422960 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Чопи китоби «Математика» синфи 2 (бо забони ӯзбекӣ) | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 10.07.2024 17:00:46 |
| 17 | 422997 | Шуъбаи маорифи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Айнӣ | Китобҳои мактабӣ ва бадеӣ | Озмуни кушод | Мол | 216 | 10.07.2024 21:10:10 |
| 18 | 422958 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Чопи китоби «Санъат ва меҳнат» синфи 1 (бо забони ӯзбекӣ) | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 11.07.2024 09:20:40 |
| 19 | 423002 | Раёсати Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои канселярӣ | Озмуни кушод | Мол | 21 | 11.07.2024 10:20:32 |
| 20 | 422978 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Чопи китоби «Искусство и труд» синфи 1 (бо забони русӣ) | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 11.07.2024 10:40:04 |
| 21 | 422957 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Чопи китоби «Технологияи иттилоотӣ» синфи 11 | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 11.07.2024 11:29:40 |
| 22 | 422955 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Чопи китоби «Забони тоҷикӣ» синфи 11 | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 11.07.2024 11:50:12 |
| 23 | 422954 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Чопи китоби «Алифбо ва матни ниёгон» синфи 8 | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 11.07.2024 13:30:46 |
| 24 | 422989 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Чопи китоби «Английский язык» синфи 7 (бо забони русӣ) | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 11.07.2024 14:31:21 |
| 25 | 423006 | Корхонаи воҳиди давлатии «Маркази равзанаи ягона» дар назди Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Харидорӣ ва насби камераҳои мушоҳидавӣ-назоратӣ дар бинои асосии корхона | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 11.07.2024 15:00:00 |
| 26 | 422988 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Чопи китоби «Ботаника» синфи 6 (бо забони русӣ) | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 11.07.2024 15:15:44 |
| 27 | 423007 | Корхонаи воҳиди давлатии «Маркази равзанаи ягона» дар назди Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Тамдиди муҳлати солонаи нигоҳдорӣ ва таҷдиди таъминоти барномавии «NAKIVO Backup & Replication Enterprise» (барои 12 сокет) ҷиҳати бойгоникунии маълумот аз дастгоҳҳои виртуалӣ ба таҷҳизоти лентагӣ | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 11.07.2024 15:30:00 |
| 28 | 422987 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Чопи китоби «Английский язык» синфи 5 (бо забони русӣ) | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 11.07.2024 16:00:46 |
| 29 | 422986 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Чопи китоби «Ботаника» синфи 5 (бо забони русӣ) | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 11.07.2024 16:15:21 |
| 30 | 422985 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Чопи китоби «Искусство и труд» синфи 4 (бо забони русӣ) | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 11.07.2024 16:40:03 |
| 31 | 422983 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Чопи китоби «Искусство и труд» синфи 3 (бо забони русӣ) | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 11.07.2024 16:40:32 |
| 32 | 422981 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Чопи китоби «Искусство и труд» синфи 2 (бо забони русӣ) | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 11.07.2024 16:45:00 |
| 33 | 422979 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Чопи китоби «Природоведение» синфи 1 (бо забони русӣ) | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 11.07.2024 16:50:29 |
| 34 | 422977 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Чопи китоби «Умумий таърих» синфи 10 (бо забони ӯзбекӣ) | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 11.07.2024 17:00:34 |
| 35 | 422998 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи касбии техникии сохтмон»-и шаҳри Кӯлоб | Таҷҳизоти автомобилӣ, таҷҳизоти дӯзандагӣ, мошини алафдаравӣ, яхдон ва принтер | Озмуни кушод | Мол | 8 | 12.07.2024 13:48:39 |
| 36 | 423003 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Равғанҳои автомобилӣ | Озмуни кушод | Мол | 15 | 18.07.2024 13:59:59 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

# ДИҚҚАТ, ОЗМУН!

## КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатии зерин ОЗМУН эълон менамояд:**

| т/р | Номгӯи мансабҳои холӣ | Талаботи тахассусӣ | Музди меҳнат (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| 1 | Муовини сардори раёсати таҳлил | Олии иқтисодӣ, ҳуқуқшиносӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ ва мутахассисони касбии дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ | 2711 |
| 2 | Сардори шуъбаи молия ва хоҷагӣ | Олии иқтисодӣ, молиявӣ ва мутахассисони касбии дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ | 2220 |
| 3 | Сармутахассиси раёсати таҳлил - 2 воҳиди корӣ | Олии иқтисодӣ, ҳуқуқшиносӣ, таҳлилӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ ва мутахассисони касбии дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ | 1660 |
| 4 | Сармутахассиси раёсати ҳуқуқ | Олии ҳуқуқшиносӣ ва мутахассисони касбии дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ | 1660 |
| 5 | Сармутахассиси шуъбаи назорат | Олии иқтисодӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҳуқуқшиносӣ, мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ, гуманитарӣ ва мутахассисони касбии дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ | 1660 |
| 6 | Сармутахассиси раёсати сармоягузории давлатӣ | Олии иқтисодӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҳуқуқшиносӣ, мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ ва мутахассисони касбии дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ | 1660 |
| 7 | Сармутахассиси раёсати сармоягузории мустақим | Олии иқтисодӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҳуқуқшиносӣ, мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ ва мутахассисони касбии дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ | 1660 |
| 8 | Сармутахассиси шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус | Олии иқтисодӣ, ҳуқуқшиносӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, гуманитарӣ ва мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ ва мутахассисони касбии дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ | 1660 |
| 9 | Сармутахассиси шуъбаи умумӣ | Олии иқтисодӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҳуқуқшиносӣ, педагогӣ, гуманитарӣ, мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ ва мутахассисони касбии дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ | 1660 |
| 10 | Мутахассиси пешбари раёсати сармоягузории мустақим | Олии иқтисодӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҳуқуқшиносӣ, мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ ва мутахассисони касбии дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ | 1352 |
| 11 | Мутахассиси пешбари раёсати дастгирии соҳибкорӣ | Олии иқтисодӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҳуқуқшиносӣ, мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ ва мутахассисони касбии дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ | 1352 |
| 12 | Мутахассиси пешбари шуъбаи назорат | Олии иқтисодӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҳуқуқшиносӣ, мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ, гуманитарӣ ва мутахассисони касбии дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ | 1352 |
| 13 | Мутахассиси пешбари раёсати таҳлил | Олии иқтисодӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҳуқуқшиносӣ, таҳлилӣ, мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ ва мутахассисони касбии дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ | 1352 |
| 14 | Мутахассиси пешбари шуъбаи умумӣ | Олии иқтисодӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҳуқуқшиносӣ, мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ, педагогӣ, гуманитарӣ ва мутахассисони касбии дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ | 1352 |
| 15 | Мутахассиси раёсати таҳлил | Олии иқтисодӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҳуқуқшиносӣ, мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ, таҳлилӣ ва мутахассисони касбии дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ | 1112 |
| 16 | Мутахассиси раёсати сармоягузории давлатӣ | Олии иқтисодӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҳуқуқшиносӣ, мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ ва мутахассисони касбии дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ | 1112 |
| 17 | Мутахассиси раёсати моликияти давлатӣ | Олии иқтисодӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҳуқуқшиносӣ, мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ ва мутахассисони касбии дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ | 1112 |

**Барои иштирок дар озмун ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

- ариза ба унвони раиси кумита;
- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо;
- тарҷумаи ҳол;
- 4 дона расм (2 дона андозаи 4х6, 2 дона андозаи 3х4);
- нусхаи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи таҳсилот;
- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ (ба ғайр аз ҳолатҳое, ки шахс собиқаи меҳнатӣ надорад);
- нусхаи шиноснома;
- нусҳаи гувоҳномаи рақами мушаххаси андозсупоранда;
- нусхаи СИН;
- маълумотнома дар бораи надоштани доғи судӣ;
- маълумотнома оид ба вазъи саломатии шакли 038;
- маълумот дар бораи даромад ва вазъи молу мулк;
- нусхаи дафтарчаи ҳарбӣ (барои шахсоне, ки хизмати ҳарбиро адо намудаанд);
- маълумотнома (объективка) аз ҷойи кор.

Барои ишғоли мансабҳои муовини сардори раёсат - 5 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 6 сол собиқаи умумӣ меҳнатӣ, сардори шуъба - 4 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 5 сол собиқаи умумии меҳнатӣ, сармутахассис - 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ, мутахассиси пешбар - 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ муқаррар карда шудааст.

Малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ, донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони хориҷӣ ва давлатӣ ҳатмист.

Афзалият ба занон ва ҷавондухтарон дода мешавад.

Мӯҳлати пешниҳоди ҳуҷҷатҳо - 21 рӯз аз рӯзи нашри эълон.

**Суроғаи қабули ҳуҷҷатҳо:** шаҳри Душанбе, кӯчаи Шоҳтемур 27, шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳуҷраҳои 49, 50).

**Телефонҳо барои тамос:** 221-73-36, 221- 47-68

Маълумоти муфассал дар сомонаи расмии кумита **www.investcom.tj** ҷойгир карда шудааст.

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**16 июли соли 2024 музоядаи № 38-ро оид ба фурӯши амволи мусодирагардида барпо менамояд**

| т/р | Номгӯи амвол | Воҳиди ченак | Миқдор | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Сарпӯши қуттии обгирӣ (баклашка) 75 000 дона. 15 қуттӣ | кг | 190 | 15700 |
| 2 | Хокаи ҷомашӯйии тамғаи «Миф» ва «Аква» (истеҳсоли Ҷумҳурии Ӯзбекистон) | кг | 1026 | 7700 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол», оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда – **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда **соати $10^{00}$** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод намояд.

Маълумоти иловагиро оиди гузаронидани музояда бо суроғаи зерин: шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

# ДАЪВАТ БАРОИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУН

**Санаи даъват: 21 июни соли 2024**

**Манбаи маблағгузорӣ: «CASA1000 Лоиҳаи дастгирии ҷомеа»**

**Рақами грант: E2470-TJ**

**Рақами қарордод: CSP-2A-01-1.**

Бунёди миллии иҷтимоии маблағгузории Тоҷикистон (БМИМТ) ташкилотҳои сохтмонии ихтисосмандро даъват менамояд, ки пешниҳодҳои озмунии худро барои иштирок дар озмун ҷиҳати иҷрои зерлоиҳаи зерин манзур намоянд:

**CSP-2A-01-1 «Таҷдид ва таъмири асосии бинои таълимии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №16, деҳаи Метар, ҷамоати деҳоти Тағояк, ноҳияи Спитамен».**

Ҳуҷҷатҳои озмунро аз суроғаи зерин дастрас кардан мумкин аст:

- Дафтари марказии Бунёди миллии иҷтимоии маблағгузории Тоҷикистон (БМИМТ) дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Беҳзод 25, ошёнаи чоруми бинои Муассисаи давлатии «Тоҷикфилм».

Пешниҳодҳои иштирокчиёни озмун бояд аз рӯи шакли муқарраршуда тибқи бастаи ҳуҷҷатҳои озмунӣ то соати 15:00 рӯзи 05 июли соли 2024 ба суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Беҳзод 25, ошёнаи чоруми бинои Муассисаи давлатии «Тоҷикфилм» пешниҳод шаванд.

Пешниҳодҳои озмунӣ на дертар аз мuҳлати зикршуда қабул карда мешаванд ва давоми 30 рӯз эътибор доранд.

Маълумотро тавассути телефони БМИМТ гирифтан мумкин аст:

- шаҳри Душанбе: 221-68-44;
- e-mail: info_csp@nsift.tj, http://csp.nsift.tj.

# ЗАПРОС НА ПОДАЧУ ЦЕНОВЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ

## Проект готовности и устойчивости к стихийным бедствиям в Таджикистане

**Номер гранта МАР:** D9780-TJ

**Идентификатор проекта:** P177779

**Название задания:** ***Закупка медицинского оборудования для медицинского пункта учебного центра в Каратаге.***

**ЛОТ-1: Закупка медицинского оборудования для медицинского пункта учебного центра в Каратаге;**

**ЛОТ-2: Закупка машины скорой помощи для учебного пункта в Каратаге».**

**Номер ссылки:** COE/TPRDP/G-RFQ-15.

Республика Таджикистан получила финансирование от Всемирного банка на покрытие стоимости «Проекта готовности и устойчивости к бедствиям в Таджикистане» и намерена направить часть средств на оплату по контракту на закупку медицинского оборудования для медицинского пункта учебного центра в Каратаге Комитета по чрезвычайным ситуациям и гражданской обороне (КЧС и ГО) при Правительстве Республики Таджикистан.

Группа реализации проекта (ГРП) «Проекта готовности и устойчивости к бедствиям в Таджикистане» настоящим приглашает поставщиков предоставить ценовые предложения на поставку медицинского оборудования и машины скорой помощи для медицинского пункта учебного центра в Каратаге и сопутствующих услуг, описанных в требованиях покупателя, приложенном к Запросу цен.

Торги будут проводиться методом запроса ценовых предложений (RFQ), как указано в «Правилах закупок для заемщиков ИПФ» Всемирного банка от июля 2016 года, пересмотренных в ноябре 2020 года («Правила о закупках»), и открыты для всех правомочных поставщиков, как это определено в Положениях о закупках.

Внимание заинтересованных Поставщиков обращается на пункт 3.14 Положения, в котором указано, что у фирм и физических лиц, участвующих в закупках в рамках финансирования инвестиционных проектов банка, не должно быть конфликта интересов.

Ценовые предложения должны быть представлены в Группу реализации проекта (ГРП) в письменном виде на русском языке не позднее *17:00 часов 08 июля 2024 года* (лично, по почте, факсу или электронной почте) по нижеуказанному адресу.

Инструкцию, формы и требования для предоставления ценового предложения можно получить по нижеследующей ссылке:

**https://cloud.mail.ru/public/gGTE/RHCijD3FA**

За дополнительной информацией вы можете обратиться по тому же адресу в рабочее время с 9-00 до 17-00 с понедельника по пятницу.

Адрес: Комитет по чрезвычайным ситуациям и гражданской обороне

при Правительстве Республики Таджикистан, Группа реализации проекта

734013, г. Душанбе, ул. Лохути, 26, Республика Таджикистан

Тел: (+992 37) 221-91-19, 223-13-11 / моб. 880-00-28-28

**Электронная почта: coordinator@coescd.tj, ps@coescd.tj**

# ЗАПРОС ДЛЯ ВЫРАЖЕНИЯ ЗАИНТЕРЕСОВАННОСТИ

## КОНСУЛЬТАЦИОННЫЕ УСЛУГИ – Отбор фирм

**21 июня 2024 года**

**Республика Таджикистан**

**«Проект повышения социально-экономической устойчивости» (ППСЭУ) P168052**

**№ контракта: NSIFT-SERSP-CS-1A-14.**

**Метод закупки: ОКК (отбор на основании квалификации консультанта)**

Республика Таджикистан получила грант от Всемирного банка на покрытие расходов по «Проекту повышения социально-экономической устойчивости» (ППСЭУ), и намерена использовать часть поступлений для консультационных услуг.

Консультационные услуги («Услуги») включают в себя:

**Пакет №NSIFT-SERSP-CS-1A-14:** Проектирование и осуществление авторского надзора подпроектов:

SERSP-1A-240 «Строительство автомобильного моста в селе Чагами нав, сельского джамоата Чагам, района Ш. Шохин»;

SERSP-1A-241 «Строительство автомобильного моста в селе Лангар, сельского джамоата Лангардара, района Ш. Шохин».

Продолжительность услуг составляет 4 месяца.

Черновую версию технического задания (ТЗ) можно найти на следующем веб-сайте: www.nsift.tj. Окончательная версия технического задания будет предоставлена в ЗПП (Запрос на подачу предложений).

Национальный социальный инвестиционный фонд Таджикистана (НСИФТ) приглашает правомочные консультационные фирмы («Консультантов») выразить свою заинтересованность в предоставлении услуг. Заинтересованные консультанты должны предоставить информацию, демонстрирующую обладание необходимой квалификацией и соответствующим опытом для оказания услуг.

Список критериев включает в себя:

- Проектная организация (ПО) в совокупности должна иметь не менее 3-летний опыт работы и в разработке проектно-изыскательских работ (ПИР);
- ПО должна располагать необходимой материально-технической базой (офисные помещения, транспортные средства, мебель, оборудование, оргтехника, средства связи и др.) для обеспечения выполнения настоящего ТЗ.
- Для разработки проектно-сметной документации ПО должна иметь опыт работы в целевых регионах.
- ПО должна иметь лицензию на проектно-изыскательские работы жилых и общественных зданий и сооружение, здания и сооружения сельскохозяйственного назначения и инженерное сооружение (инженерные сети) выданную со стороны Комитета по архитектуре и строительству при Правительстве Республики Таджикистан.

Заинтересованные консультанты должны обратить внимание на Главу III параграфы 3.14, 3.16 и 3.17 «Положения о закупках для заемщиков ФИП», июль 2016 года, пересмотрен в ноябре 2017 года и августе 2018 года («Положения о закупках»), в котором изложена политика Всемирного банка в отношении конфликта интересов.

Консультант будет отобран в соответствии с методом отбора на основании квалификации консультанта (ОКК), изложенным в Положении о закупках.

Дополнительную информацию можно получить с понедельника по пятницу с 09:00 до 17:00 часов по адресу: Республика Таджикистан, 734013, город Душанбе, улица Бехзод, 25 (четвертый этаж здания ГУ «Таджикфильм»), телефоны:

+ (992-37) 2218753; e-mail: info_sersp@nsift.tj; web: www.nsift.tj.

Выражения заинтересованности предоставляются вниманию Хасанова И., менеджера отдела закупок Национального социального инвестиционного фонда Таджикистана (НСИФТ), «Проект повышения социально-экономической устойчивости» собственноручно, или по почте, или по факсу, или по электронной почте не позднее 15:00 часов 12 июля 2024 года, по следующему адресу:

Республика Таджикистан, 734013, город Душанбе, улица Бехзод, 25 (четвертый этаж здания ГУ «Таджикфильм»). Документы, представленные позднее указанного срока, рассматриваться не будут.

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Дафтари гумшудаи хонадорӣ, ки онро ШВКД -1 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Маяковский, бинои 46/2, хонаи 43 ба Исоева Шаҳригул Ватановна додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи гумшудаи силсилаи ЖТ-1 №068178, ки онро Техникуми савдои советии шаҳри Душанбе соли 1984 ба Садикова Мавлюда Боймуродовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши квартира, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 19-уми октябри соли 2021 таҳти феҳрасти 1Ш-1990 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ, бинои 64 «Е», хонаи 35 ба Фозилов Носирҷон Ҳусенович додааст, эътибор надорад.

✓ Иқтибоси гумшуда аз санади комиссияи ташхиси тиббии иҷтимоӣ, таҳти силсилаи ВТЭ-1 №037039, ки онро КТТИ 20-уми ноябри соли 2006 ба Саторов Умедҷон Асадуллоевич (маъюби гурӯҳи 2) додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи гумшудаи силсилаи ТСИ №0033823, ки онро Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қ. Ҷӯраев соли 2001 таҳти қайди 26218 (ё 16218) ба Кенҷаева Фирӯза Зафаровна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда дар бораи бақайдгирии давлатӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Рӯдакӣ 8-уми апрели соли 2019 таҳти №6351 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, деҳоти Чимтеппа, деҳаи Гулбутта, манзили истиқоматии шахсӣ (ҳавлӣ), №354 ба Солихов Рустам Курбоналиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Рӯдакӣ 14-уми ноябри соли 2018 таҳти феҳрасти №1Ш-2191 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Чимтеппа, деҳаи Гулбутта ба Ҷунайдова Назокат додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи нафақавии гумшудаи №18887, ки онро РМИ ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон 4-уми сентябри соли 2019 ба Ғафоров Ҳусейн Саъдиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи АС №005052, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №25-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 1990 ба Мажитова Замира Абдурахмановна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи Т-АТА №1433809 дар бораи таҳсилоти умумии асосӣ бо замимаи баҳоҳо, ки онро МТХ мактаб-кӯдакистони «Контофилд»-и шаҳри Душанбе 30-юми июни соли 2022 ба Иброҳимзода Исмоилҷон Абдураҳим додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи Т-ШТА №0074413, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №5-и ноҳияи Шамсиддин Шоҳин (Шурообод) соли 2004 ба Тахминаи Нурулло додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшудаи техникии №46867, ки онро КФББТ-и ноҳияи Рӯдакӣ соли 1987 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Гулистон, деҳаи Зартеппа ба Маҳмадов Ёр додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари гумшудаи ҳавлӣ, ки онро ШВКД дар ноҳияи Исмоили Сомонии (собиқ ноҳияи Октябр) шаҳри Душанбе 7-уми июли соли 1999 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Пушкин, бинои 91, хонаи 2 ба Назаров Фирдавс Ҳамидович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, колхози Россия, деҳаи Фалакон (ҳоло ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе) ба Ятимов Ашуралӣ Қурбоналиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ба Нарзулоева Майсара Хайруллоевна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи Т-АТУ №0853700, ки онро Литсейи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи генерал-майор Тошмухамедов соли 2021 ба Қосимов Комрон Қосимович додааст, эътибор надорад.

✓ Манзилнома (ордер)-и гумшуда, ки онро Кумитаи иҷроияи Шурои депутатҳои халқи ноҳияи Фрунзеи шаҳри Душанбе 1-уми июли соли 1993 таҳти №632 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Берунӣ, бинои 1, хонаи 8 ба Халимов Джамшед Дарёевич додааст, эътибор надорад.

✓ Корешоки гумшуда ба манзилнома (ордер) барои хонаи хизматӣ, ки онро Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон 16-уми июли соли 2004 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Навоӣ, бинои 3/2 «б», хонаи 13 ба Халимов Джамшед Дарёевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшудаи А03778114, ки онро ШВКД -1 дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 4-уми июни соли 2021 ба Хайридинова Зуҳро Асоевна додааст, эътибор надорад.

✓ Маълумотномаи гумшудаи силсилаи ВТЭ-1, №000541, ки онро КЭТМ-и ҷумҳуриявӣ соли 2006 ба Хайридинова Зуҳро Асоевна (суроғааш – шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ бинои 9/2, хонаи 33) додааст, эътибор надорад.

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ ҶДММ «Чорбоғ -5555» (РМА 600000942, РЯМ 6010004899) дар асоси қарори муассис, ки 14-уми июни соли 2024 таҳти №6 тасдиқ карда шудааст, барҳам мехӯрад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

Конституция - кафолати рушди ҷомеаи демократӣ ва волоияти қонун

Садои мардум

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Бахтовар КАРИМЗОДА

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев,*
*Далер Абдулло,*
*Ориф Ёдгоров,*
*Сайфиддин Суннатов,*
*Шариф Атобуллоев,*
*Фарзона Файзалиева,*
*Фархунда Абдулҳакимова.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ - 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; Сармуҳаррир факс 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238-53-56; муовин 238-54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238-58-91; муҳаррири шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238-58-93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238-52-97; муҳосибот 238-53-49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорон дар ВМКБ 93-355-51-03; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; вилояти Суғд 92-773-28-76; ШНТҶ 000-03-03-80, 918-68-40-17.

**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 21 июни соли 2024, соати 11:00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 35065 нусха*

Навбатдорони шумора Ш. Атобуллоев ва Ш. Ҳусейнзода

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97